КОМПОЗИТОР ҚУДРАТУЛЛО ЯҲЁЗОДА 80-СОЛА ШУД с. 8

ПАДАРИ РАҲИМИ ҒАРМӢ БА 30 ОИЛА ХОНА ДОД с. 2

«МАКТАБИ КӮҲНА»-И АЙНӢ ДАР ЧИН с. 13

ТОҶИКИСТОН

№ 47 (1711), 25.11.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!



РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Пардохти ҳатмии 100 сомониро бекор кард



PRESSA.TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ДАР ИН ШУМОРА:

СИНО ВА ХАЙЁМ
Бузургдошт дар ЮНЕСКО
с.3

КРИСТОФЕР ЛАНДАУ:
Сафарам ба Тоҷикистон хотирмон буд
с.3

ПАХТАИ ТОҶИКИСТОН
Фоидаи асосӣ куҷо меравад?
с.5

ТРАМП:
Баъди январ ба Эрон ҳамла мекунем…
с.4

ХАТЛОН
Ягона гузаргоҳи зеризаминӣ
с.6

АНДЕША
Вақте телефон паноҳгоҳ мешавад…
с.11

ПНЕВМОНИЯ
Кӯдаконро дар фасли сармо эҳтиёт кунед
с.12

ВАРЗИШ
«Истиқлол» пеш аз муҳлат чемпион шуд
с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

560 ҲАЗОР СОМОНӢ ГРАНТИ РАИС БА ЗАНОНИ ҲУНАРМАНД

Дар вилояти Суғд ба 80 зани соҳибкору ҳунарманд барои татбиқи лоиҳаҳои соҳибкорӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ грантҳои раиси вилоят ба маблағи умумии 560 ҳазор сомонӣ супорида шуданд.

Маросими супоридани грантҳо дар толори маҷомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо иштироки раиси вилоят Рачаб Аҳмадзода баргузор гардид.

Зимни суҳбат бо бонувон Рачаб Аҳмадзода иброз дошт, ки бо дастгирии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола барои рушди соҳибкории занон ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ грантҳо ҷудо карда мешаванд. Ба гуфтаи ӯ, маҷомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят низ ба дастгирии ташаббусҳои занон ва фароҳам овардани имконият барои рушди фаъолияти соҳибкории онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Тибқи иттилои пешниҳодшуда, маблағи грантҳо чунин тақсим гардидааст: 20 нафар 10 ҳазор сомонӣ, 20 нафар 8 ҳазор сомонӣ ва 40 нафар 5 ҳазор сомонӣ дарёфт намуданд.

Дар шаҳри Хуҷанд низ 45 зани соҳибкор аз раиси шаҳр ба маблағи умумии 205 ҳазор сомонӣ грант гирифтанд.

Раиси вилояти Суғд ба гирандагони грантҳо тавсия дод, ки маблағҳои чудошударо мақсаднок истифода бурда, лоиҳаҳои худро амалӣ намоянд ва дар рушди ҳунарҳои миллӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ саҳм гузоранд



Муҳиб Бобоҷонов, соҳибкор

АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН БА 10,8 МИЛЛИОН НАФАР РАСИД

То якуми октябри соли 2026 шумораи аҳолии Тоҷикистон 10 миллиону 867 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 фоиз зиёд мебошад.

Тибқи иттилои Агентии омори Тоҷикистон, минтақаи сераҳолитарини Тоҷикистон вилояти Хатлон буда, 3,9 миллион нафар аҳолӣ дорад.

Шумораи аҳолӣ дар вилояти Хатлон 3 миллиону 938,5 ҳазор нафар, вилояти Суғд 3 миллиону 47,6 ҳазор нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2 миллиону 336,9 ҳазор нафар, шаҳри Душанбе 1 миллиону 307 ҳазор нафар ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 237 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Манбаъ мегӯяд, дар моҳҳои январ–сентябри соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 175,8 ҳазор таваллуд ва 26,2 ҳазор ҳолати фавт сабт гардидааст.

«Таҳлили нишондиҳандаҳо нишон медиҳад, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи таваллудҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 2,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин раванд, ба истиснои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар тамоми минтақаҳои кишвар ба мушоҳида мерасад. Баръакси тамоюли коҳиши таваллуд, шумораи фавтҳо дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфтааст. Дар моҳҳои январ–сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бақайдгирии фавт 3,3 фоиз зиёд гардида, ба 26,2 ҳазор нафар расидааст», – шарҳ додааст Агентии омор.

ПАДАРИ РАҲИМИ ҒАРМӢ БА 30 ОИЛА ХОНА ТАҚДИМ КАРД

Соҳибкори тоҷик Муҳиб Бобоҷонов, падари соҳибкори шинохта Раҳим Бобоҷонов (Раҳими Ғармӣ) барои 30 оилаи ниёзманд дар водии Рашт манзилҳои истиқоматӣ бунёд карда, онҳоро ройгон тақдим намуд.

Ба иттилои маҷомоти ноҳияи Рашт, соҳибони нави хонаҳо ятимон, шахсони дорои маъюбият ва дигар оилаҳои ниёзманд аз ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Нуробод ва Сангвор мебошанд. Хонаҳо бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

Дар маросими супоридани калиди манзилҳо муовини сарвазири Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ва раиси ноҳияи Рашт Зарина Идизода иштирок карданд.

Ҳамзамон, дар маҳаллаи «35-солагии Истиқлолият» ду корхонаи саноатӣ – дӯзандагӣ ва ширинипазӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Ба гуфтаи маҷомот, дар ин корхонаҳо беш аз 40 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шуданд.

САРИ САБЗ



Абдуқҳолиқи Набавӣ, адабиётшинос

Намешавад, ки дар давраи истиқлол зиндагӣ кунем, аз имкониятҳои он истифода барем ва ҳамзамон танҳо гузаштаро васф намоем. Мо бояд дар бораи оянда фикр кунем.

- Аммо устод ҳоло ҳам кам нестанд, нафароне, ки "паспорти Шӯравӣ" дар зеҳнашон аст... Бо инҳо чӣ кор кунем?



Комилҷони Зариф, сароянда:

...ман ҳамчун фарзанди Қобилҷони Зариф ҳуқуқи маънавии сурудани таронаҳои бемазмунро надорам. Шукри Худо, то имрӯз касе ба ягон таронаам эрод нагирифтааст.

- Ҳамин насиҳатро ба фарзандони сарояндагони дигар ҳам кунед, зеро вақти интихоби суруд на номи падар пешашон меояд, на падарбузург...



Суҳробшоҳ Давлатзода, журналист

- Дар замоне дар телевизион фаъолият карда истодаем, ки таваҷҷуҳи мардум бештар ба шабакаҳои ичтимоӣ банд аст, аммо ин моро ноумед намекунад, зеро медонем, ки телевизион ҳоло ҳам мавқеъ дорад ва бинандаи доимии худро аз даст надодааст.

- Шумо ҳам як телефон гиреду блогер шавед, ҳамаи таваҷҷуҳ ба шумо равона мешавад...

РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Пардохти ҳатмии 100 сомониро бекор кард

КОМИССИЯИ ДАВЛАТИИ ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТИ РАҚАМИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ БЕКОР КАРДАНИ ПАРДОХТИ ҲАРРӮЗАИ 100 СОМОНӢ ВА НИЗОМИ КВОТАБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАКСИҲО ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД.



Ин тасмим, ки ронандагон дер боз интизораш буданд, метавонад дар бозори мусофиркашонии пойтахт тағйироти ҷиддӣ ба вучуд орад. Аммо низоми нави фаъолияти таксиҳо чӣ гуна хоҳад буд?

САБУКӢ БАРОИ РОНАНДАГОН

Қарори мазкур 23 ноябри соли 2026 дар ҷаласаи комиссия таҳти раёсати Рустами Эмомалӣ, раиси шаҳри Душанбе, қабул гардид. Ба иттилои шаҳрдорӣ, ҳадаф аз ин иқдом коҳиш додани харочоти ронандагон ва бартараф намудани маҳдудиятҳои маъмурӣ мебошад.

Пардохти ҳатмии ҳаррӯзаи 100 сомонӣ соли 2025 ҷорӣ гардида, боиси норозигии ронандагон шуда буд. Зеро онҳо новобаста аз кор кардан ё накардан муваззаф буданд, ки ин маблағро пардохт намоянд.

Ҳамин тариқ, ронанда дар як моҳи 30-рӯза танҳо барои ин пардохт 3000 сомонӣ ва дар як сол 36 ҳазору 500 сомонӣ харҷ мекард. Ба ин харочоти неруи барқ, таъмиру нигоҳдории автомобил ва дигар пардохтҳо зам мешуданд.

Бекор кардани ин пардохт метавонад барои беҳтар шудани вазъи иқтисодии ронандагон мусоидат намояд. Аммо санаи дақиқи қатъи ситонидани он ҳанӯз эълон нашудааст.

ИҶОЗАТНОМА БО ТАРТИБИ НАВ

Тибқи қарори комиссия, аз 1 январи соли 2027 тартиби нави танзими фаъолияти мусофиркашонӣ тавассути таксиҳо ҷорӣ мешавад. Масъулин вазифадор шудаанд, ки заминаҳои ҳуқуқиву ташкилии онро омода намоянд.

Минбаъд ронандагон метавонанд тавассути Портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ ба таври электронӣ барои гирифтани иҷозатнома мурочиат кунанд. Ин тартиб ба шаҳрвандоне низ дахл дорад, ки ба таври худшуғл ба мусофиркашонӣ машғуланд.

Аммо арзиши иҷозатнома, муҳлати амали он, талабот ба ронандагону воситаҳои нақлиёт ва дигар ҷузъиёти низоми нав ҳанӯз маълум нестанд.

САРНАВИШТИ ТАКСИҲОИ «10-СОМОНӢ»

Ҷанбаи дигари муҳими қарор бекор кардани низоми квотабандӣ мебошад. Моҳи июни соли 2025 шаҳрдории Душанбе танҳо ба чор ширкати таксӣ – «Эко-Таксӣ», «Олуча-авто», «Ковиён» ва «Сафо-таксӣ» иҷозаи фаъолият дода буд. Барои ҳар ширкат квотаи се ҳазор автомобил муқаррар гардида буд. Қаблан дар пойтахт 12 ширкат бо ҳудуди 4,3 ҳазор автомобил фаъолият мекарданд.

Оё низоми нав барои қонунигардонии фаъолияти таксиҳои ба истилоҳ «10-сомонӣ» низ роҳ мекушояд? Феълан ба ин савол посухи мушаххас вуҷуд надорад. Аммо пешбинӣ шудани имкони гирифтани иҷозатнома барои шахсони худшуғл метавонад заминаи ҳалли ин масъала гардад.

Лағви квотаҳо ҳамчунин метавонад барои афзоиши рақобат дар бозори мусофиркашонӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

МУСОФИРОН ЧӢ МАНФИАТ МЕБИНАНД?

Масъалаи таксиҳо дар пойтахт танҳо ба даромаду харочоти ронандагон маҳдуд намешавад. Сокинон низ аз муносибати номуносиби баъзе ронандагон, риоя нашудани қоидаҳои мусофиркашонӣ ва сифати хизматрасонӣ шикоят мекунанд. Коҳиши харочоти ронандагон ва рушди рақобат метавонад ба арзиши роҳкиро низ таъсири мусбат расонад. Аммо худ аз худ бекор шудани пардохти 100 сомонӣ маънои арзон шудани хизматрасониро надорад. Барои ин рақобати солим, шаффофияти нархгузорӣ ва назорати самаранок зарур аст.

Муҳим он аст, ки дар низоми нав манфиатҳои ҳар ду ҷониб - ронанда ва мусофир ба назар гирифта шаванд. Ронанда бояд аз меҳнати худ даромади муносиб ба даст орад ва мусофир аз хизматрасонии босифату бехатар баҳраманд гардад.

Д. ҚОДИРПУР

МУАРРИФИИ МЕРОСИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР ЮНЕСКО

23-юми ноябри соли ҷорӣ дар толори «Зал де Актс»-и қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж маросими ифтитоҳи намоишгоҳи китобу дастхатҳои Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём баргузор гардид. Ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, ин намоишгоҳ то 27-уми ноябр идома хоҳад ёфт.

Намоишгоҳ ба муаррифии мероси гаронбаҳои илмӣ, адабӣ ва фалсафии ин ду мутафаккири бузург, инъикоси саҳми онҳо дар рушди илму фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ, инчунин таҳкими ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ва муаррифии мероси таърихию маънавии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ бахшида шудааст.

Дар ин ҳамоиш Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ва хонум Аса Регнер, муовини якуми мудири кулли ЮНЕСКО низ ширкат карданд.

ТОҶИКИСТОН ДАР РАДДАБАНДИИ СММ

Дар раддабандии рушди ҳукумати электронӣ, ки Созмони Милали Муттаҳид (СММ) моҳи ноябр нашр кард, Тоҷикистон дар миён 194 кишвар ҷойи 131-умро гирифт.

Дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад, Тоҷикистон дар мақоми чорум қарор дорад. Дар ин феҳрист Қазоқистон ҷойи 16-ум, Ӯзбекистон ҷойи 32-юм, Қирғизистон ҷойи 83-юм ва Туркманистон ҷойи 146-умро касб кардаанд.

Шохиси мазкур сифат ва дастрасии хидматҳои давлатии онлайн, рушди мухобирот ва сатҳи маорифро ба назар гирифтааст. Нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ 0,6675 аст ва Тоҷикистон 0,5782 хол ба даст овардааст. Дар натиҷа, Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди ҳукумати электронӣ шомил шудааст.

Кристофер Ландау:

САФАРАМ БА ТОҶИКИСТОН ХОТИРМОН БУД

КРИСТОФЕР ЛАНДАУ, МУОВИНИ КОТИБИ ДАВЛАТИИ АМРИКО БО МАСЪУЛИНИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИ ТОҶИКИСТОН МАСЪАЛАИ ТАТБИҚИ ЁДДОШТИ ТАФОҲУМИ ПАНҶСОЛА ОИД БА ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТИРО БАРРАСӢ КАРДАНД.

Ин чорабинӣ дар «Боғи Ирам»-и шаҳри Душанбе баргузор шуд. Кристофер Ландау зимни он бо имкониятҳои муосири ташхиси бемориҳо ва таҷҳизоти тиббӣ шинос гардида, аз намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллии тоҷикон низ дидан кард.

Дар доираи чорабинӣ, аз ҷумла, имкониятҳои ташхиси бемории сил бо истифода аз дастгоҳҳои сайёри рентгенӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ муаррифӣ шуданд.

Кристофер Ландау сафари худро ба Тоҷикистон ҷолибу хотирмон арзёбӣ намуда, аз меҳмоннавозии тоҷикон изҳори сипос кард.

“Албатта, ҳар сафар дар хотири инсон нақше мегузорад. Сафари имрӯзаи ман низ, бахусус ин чорабинӣ дар ёдам хоҳад монд. Ман ба ҳар яки шумо барои фароҳам овардани чунин имконияти беҳамто изҳори сипос мекунам. Имрӯз мо дар ин толори бузург шоҳиди меҳмоннавозии сатҳи баланди тоҷикона, мусиқӣ ва либосҳои зебои миллӣ ҳастем. Ин ҳама барои ман бисёр хотирмон аст”,-афзуд Кристофер Ландау.

Ёддошти тафоҳуми дуҷониба барои панҷ сол, 6-уми апрели имсол миёни Тоҷикистону Амрико ба имзо расида буд, ки ҳаҷми умумии маблағи он 78 миллион доллярро ташкил медиҳад.



Ба гуфтаи ӯ, татбиқи ин санад метавонад ба беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, рушди иқтидори касбии мутахассисон мусоидат намояд.

Ёдовар мешавем, ки Кристофер Ландау дар доираи сафари худ ба Тоҷикистон бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин низ мулоқот карда, масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро баррасӣ намуданд.

Насиба МАМАДРИЗОЕВА,
Ҳикматилло САНГИНОВ



Трамп:

БАЪДИ ЯНВАР БА ЭРОН ҲАМЛА МЕКУНЕМ...

ПРЕЗИДЕНТИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДОНАЛД ТРАМП ҲУШДОР ДОДААСТ, КИ ДАР СУРАТИ НОКОМ ШУДАНИ МУЗОКИРОТ МИЁНИ ВАШИНГТОНУ ТЕҲРОН ЭҲТИМОЛ ДОРАД ПАС АЗ 1-УМИ ЯНВАРИ СОЛИ 2027 АЛАЙҲИ ЭРОН ҲАМЛАҲОИ НАВИ НИЗОМӢ АНҶОМ ДОДА ШАВАНД.

Ба гуфтаи Трамп, музокироти ғайримустақим миёни Амрикову Эрон то ҳол натиҷаи дилхоҳи Вашингтонро надодааст. Ӯ ҷониби Эронро ба он муттаҳам кардааст, ки ба ҷойи расидан ба тавофуқ раванди гуфтугӯҳоро тӯл медиҳад.

Изҳороти нави президенти Амрико дар ҳоле садо медиҳад, ки талошҳои дипломатӣ барои рафъи ихтилофоти миёни ду кишвар идома доранд. Покистон низ аз идомаи талошҳои худ барои миёнаравӣ миёни Вашингтон ва Теҳрон хабар додааст. Дар ҳамин ҳол, масъалаи муҳосираи баҳрии Эрон, ки моҳи апрели соли равон ҷорӣ шуда буд, аз дигар мавзуъҳои мавриди баҳс миёни ду кишвар боқӣ мемонад. Дар мусоҳиба аз Трамп дар бораи эҳтимоли муқовимати Эрон ба ин муҳосира низ пурсида шудааст.

Ба гузориши шабакаи телевизионии амрикоии «Фокс Нюс», Трамп рӯзи 22-юми ноябр аз раванди музокирот бо Эрон изҳори норозигӣ карда, намояндагони ҳайати музокиракунандаи ин кишварро «раққосони ҳирфаӣ» номидааст. Президенти Амрико мақомоти Эронро ба кашол додани раванди музокирот муттаҳам карда, гуфтааст, ки Теҳрон пас аз интихоботи ИМА дар баробари Вашингтон мавқеи сахттареро пеш гирифтааст.

Дар суҳбат бо хабарнигори «Фокс Нюс» Трей Йингст Трамп таъкид кардааст, ки агар то поёни соли равон созише миёни ду кишвар ҳосил нашавад, ӯ ба азсаргирии ҳамлаҳои низомӣ алайҳи Эрон майл дорад.



Медведчук:

СУЛҲ БАРОИ КИЕВ ТОРАФТ ДУШВОРТАР МЕШАВАД

ВИКТОР МЕДВЕДЧУК, РОҲБАРИ ҶУНБИШИ «УКРАИНАИ ДИГАР» ВА СИЁСАТМАДОРИ СОБИҚИ УКРАИНӢ ИЗҲОР ДОШТААСТ, КИ ШАРТҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА БАРОИ ҲАЛЛИ ОСОИШТАИ НИЗОЪ ДАР УКРАИНА ТОРАФТ БАРОИ КИЕВ НОМУСОИДТАР МЕШАВАНД.

Ба гузориши хабаргузории Sputnik, Медведчук дар мақолае, ки дар сомонаи ҷунбиши мазкур нашр шудааст, сиёсати Владимир Зеленский, президенти Украинаро дар раванди музокироти сулҳ мавриди интиқод қарор додааст.

Ба андешаи ӯ, стратегияи роҳбарияти Украина дар музокирот натиҷаи баръакс дода, ҳар пешниҳоди нави сулҳ барои Киев нисбат ба пешниҳодҳои қаблӣ шартҳои душвортар дорад.

Дар ҳамин ҳол, мақомоти Русия борҳо изҳор доштаанд, ки ҷонибдори ҳалли сиёсиву дипломатии низоъ буда, барқарории сулҳи пойдорро ба ҳалли ихтилофоти аслӣ ва ба назар гирифтани манфиатҳои амниятии Русия вобаста медонанд.

Медведчук ҳамчунин ба музокироти Русияву Украина дар баҳори соли 2022 ишора кардааст. Ба гуфтаи ӯ, он замон имкони қатъи амалиёти ҷангӣ вуҷуд дошт, аммо ҷонибҳо ба созиши ниҳоӣ нарасиданд.



ИСРОИЛ АЗ ХАТАРИ ГУСТАРИШИ ҶАНГ ҲУШДОР ДОД

ИДОРАИ ИКТИШОФИИ НИЗОМИИ ИСРОИЛ ҲУШДОР ДОДААСТ, КИ ҲАМЛАИ НАВ БА ЭРОН МЕТАВОНАД БОИСИ ГУСТАРИШИ ҶАНГ ДАР ХОВАРИ МИЁНА ВА ОҒОЗИ ДАРГИРИҲО ДАР ЧАНДИН ҶАБҲА, АЗ ҶУМЛА ЛУБНОН, СУРИЯ ВА ҒАЗЗА ШАВАД.

Ба гузориши шабакаи телевизионии «Шабакаи 12»-и Исроил, ин ҳушдор дар нишасти пӯшидае бо иштироки Бенямин Нетаняҳу, нахуствазири Исроил ва мақомоти аршади низомии кишвар садо додааст.

Арзёбии хадамоти иктишофии низомӣ аз назари Нетаняҳу ва Роман Гофман, раиси Моссад, фарқ мекунад. Ба гузориши манбаъ, онҳо эҳтимол медиҳанд, ки амалиёти низомӣ алайҳи Эрон аз се то панҷ рӯз идома кунад.

Ҳамзамон, Авигдор Либерман, сиёсатмадори мухолифи Нетаняҳу, ҳамла ба Эронро дар шароити кунунӣ беасос хонда, нахуствазирро ба истифодаи ин масъала бо ҳадафҳои сиёсӣ муттаҳам кардааст.

Шабакаи телевизионии «Кан» низ хабар додааст, ки Нетаняҳу аз Доналд Трамп, президенти Амрико, хостааст ҳарчи зудтар алайҳи Эрон иқдоми низомӣ анҷом диҳад. Аммо Вашингтон ҳанӯз дар ин хусус тасмими ниҳоӣ нагирифтааст.

БА ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМРИКО 55 СОЛИ ЗИНДОН ТАҲДИД МЕКУНАД

МАНУЧЕҲР МАНСУРӢ, ШАҲРВАНДИ 35-СОЛАИ ТОҶИКИСТОН, ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО БАРОИ ПУШТИБОНӢ АЗ СОЗМОНИ ТЕРРОРИСТИИ «ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ» (ДОИШ) ВА СОДИР КАРДАНИ ЧАНД ҶИНОЯТИ ДИГАР ГУНАҲКОР ДОНИСТА ШУД. БА Ӯ ТО 55 СОЛИ МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ ТАҲДИД МЕКУНАД.



Тибқи иттилои Вазорати адлияи Амрико, 17-уми ноябр ҳайати ҳакамони додгоҳи федеролӣ дар Ню-Йорк Мансуриро дар пуштибонӣ аз ДОИШ, будубоши ғайриқонунӣ дар кишвар, ғайриқонунӣ ба даст овардани силоҳ ва додани баёноти бардурӯғ ба кормандони мақомоти амниятӣ гунаҳкор донист.

Ба иттилои манбаъ, Манучеҳр Мансурӣ моҳи июни соли 2016 бо раводиди сайёҳӣ ба Амрико рафта, баъди анҷоми муҳлати он дар ин кишвар ғайриқонунӣ иқомат кардааст. Ӯ соли 2017 барои қонунӣ кардани будубошаш издивоҷи қалбакӣ намуда, моҳи октябри соли равон ин иттиҳомро эътироф кардааст.

New York Daily News менависад, ки мақомоти Амрико муайян кардаанд, ки Мансурӣ аз моҳи декабри соли 2021 то июни соли 2023 ба афроди вобаста ба ДОИШ, аз ҷумла шоҳаи «Хуросон»-и он, беш аз 70 ҳазор доллар фиристодааст.

М. Скотт Проктор, муовини ёвари додситони кулли Амрико, изҳор доштааст, ки пуштибонӣ аз созмони террористӣ ва беэътиноӣ ба қонунҳои кишвар Мансуриро ба хатари ҷиддӣ барои ҷомеа табдил дода буд. Манучеҳр Мансурӣ асосан дар минтақаи Бруклини шаҳри Ню-Йорк зиндагӣ карда, соли 2025 боздошт шудааст.

Ҳанӯз ҳукми ниҳоии додгоҳ нисбат ба Манучеҳр Мансурӣ эълон нашудааст. Муҳлати 55 соли зиндон ҳадди аксари ҷазоест, ки ба ӯ таҳдид мекунад.

ҲУКМИ ҚАТЛИ МАНСАБДОРИ ЧИНӢ

ДАР ЧИН ЯК МАҚОМИ ДАВЛАТӢ БО НАСАБИ “МА” БО ИТТИҲОМИ ҶОСУСӢ БА НАФЪИ ЯК НИҲОДИ ХОРИҶӢ БА ҚАТЛ МАҲКУМ ШУДААСТ.

Ба гузориши расонаҳои чинӣ, ин мақом, ки дар яке аз вазоратхонаҳо кор мекард, беш аз 100 гузориши дорои маълумоти махфиро ба як ниҳоди хориҷӣ дода, дар иваз беш аз як миллион юан гирифтааст.

Гуфта мешавад, ки Ма бо як афсари ҷосусии хориҷӣ бо номи “Кайлин” мулоқот кардааст. Ба иттилои расонаҳо, Кайлин дар ҷараёни суҳбатҳо ӯро ба баррасии масъалаҳои ҳассоси сиёсӣ равона карда, ҳамчунин, ба феҳристи дохилии рақамҳои телефон даст ёфтааст. Расонаҳои Чин номи вазоратхона ва кишвареро, ки Ма ба нафъи он ҷосусӣ мекард, нашр накардаанд.



ПАХТАИ ТОҶИКИСТОН

Фоидаи асосӣ куҷо меравад?



ҲАР СОЛ ҲАЗОРОН ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ БАРОИ РӮЁНИДАНИ ҲОСИЛИ ПАХТА ЗАҲМАТ МЕКАШАНД. АММО СУОЛИ МУҲИМ ИН АСТ, КИ ОЁ ЗАҲМАТИ ПАХТАКОРОН БА ДАРОМАДИ МУНОСИБ ТАБДИЛ МЕЁБАД? ТОҶИКИСТОН АЗ ИН МАҲСУЛОТИ СТРАТЕГӢ ТО ЧӢ АНДОЗА МАНФИАТИ ИҚТИСОДӢ БА ДАСТ МЕОРАД? НАТИҶАҲОИ МАЪРАКАИ ПАХТАЧИНӢ ДАР СОЛИ 2026 НИШОН МЕДИҲАД, КИ СОҲА ҲАМ ДАСТОВАРД ДОРАД ВА ҲАМ БО МУШКИЛОТИ ҶИДДӢ РӮ БА РӮ АСТ.

КИШТ КАМТАР, НАҚШАИ ҶАМЪОВАРӢ ИҶРОНАШУДА

Тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Тоҷикистон, дурнамои ибтидоии киштӣ пахта дар соли 2026 зиёда аз 186 ҳазор гектарро ташкил медод. Аммо дар гузориши ин вазорат аз 15 сентябри соли равон масоҳати воқеии киштӣ пахта 164 ҳазору 849 гектар нишон дода шудааст. Дурнамои ҷамъоварии пахта дар ҷумҳурӣ 394 ҳазору 700 тонна муайян гардида буд. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки байни нақшаи ибтидои киштӣ ва масоҳати воқеии киштӣ фарқият ба вуҷуд омадааст. Масъалаи дигар иҷрои нақшаи ҷамъоварӣ мебошад. Тибқи маълумоти вазорати кишоварзӣ, то 23 ноябри соли 2026 дар ҷумҳурӣ 275 ҳазору 600 тонна пахта ҷамъоварӣ ва ба 72,6 фоизи дурнамо баробар аст. Яъне, барои иҷрои пурраи нақша ҳанӯз тақрибан 119 ҳазору 100 тонна пахта бокӣ мемонад. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки маъракаи ҷамъоварӣ дар соли ҷорӣ тӯл кашидааст. Инчунин, на ҳамаи шаҳру ноҳияҳои пахтакор ба натиҷаи пешбинишуда расидаанд.

СУҒДУ ХАТЛОН - ДУ МИНТАҚАИ АСОСИИ ПАХТАКОР

Вилоятҳои Суғду Хатлон дар истеҳсоли пахтаи кишвар мавқеи асосӣ доранд. Дар вилояти Хатлон, тибқи маълумоти мақомоти вилоят, аз 19 шаҳру ноҳияи пахтакор 16 шаҳру ноҳия дурнамои ҷамъовариро иҷро кардаанд. Дар ин миён Левакант, Бохтар, Дӯстӣ, Ёвон, Данғара, Вахш, Хуросон, Ҷайхун, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кӯшониён, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав, Панҷ ва Кӯлоб қарор доранд.

Ҳамзамон, тавре ки дар гузориши мақомоти вилояти Хатлон омадааст, Фархор 66 фоиз, Восеъ 55 фоиз ва Ҳамадонӣ 40 фоизи нақшаро иҷро кардаанд.

Аммо дар вилояти Суғд вазъ каме дигар аст. Тибқи маълумоти расмии мақомоти вилояти Суғд, то 23 ноябри соли равон ноҳияҳои Спитамен ва Ҷаббор Расулов нақшаи солонаи ҷамъоварии пахтаро таъмин кардаанд. Аз ҷумла, Ҷаббор Расулов 21 ноябр бо ҷамъоварии 11 ҳазору 336 тонна пахта нақшаро 100,1 фоиз иҷро кардааст.

МУКОФОТ БАРОИ МЕҲНАТ, АММО КОФИСТ?

Ҳоло мақомот талош мекунанд, ки кишоварзонро барои ҷамъоварии саривақтии пахта ҳавасманд намоянд. Аз ҷумла, дар вилояти Суғд байни шаҳру ноҳияҳо ва хоҷагиҳои пахтакор мусобиқаҳои меҳнатӣ баргузор мешаванд. Ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ мегарданд. Масалан, имсол дар ҷамъбасти яке аз марҳилаҳои мусобиқаи меҳнатӣ ноҳияи Ҷаббор Расулов ҷойи аввал ва ноҳияи Спитамен ҷойи дуюмро гирифтаанд.

Дар вилояти Хатлон низ тачрибаи қадрдонии хоҷагиҳои пешқадам истифода мешавад. Дар Данғара, Левакант ва Дӯстӣ пахтакорон барои иҷрои дурнамо ва нишон додани натиҷаҳои баланд бо мукофот сарфароз гардиданд. Бо вуҷуди ин, ба андешаи таҳлилгарон, масъалаи асосӣ танҳо қадрдонии пахтакорони пешқадам нест. Аз ҳама муҳим, фароҳам овардани шароите, ки кишоварз аз натиҷаи меҳнати худ даромади муносиб ба даст орад.

Қурбоналӣ Партоев, коршиноси масоили иқтисодӣ бар ин назар аст, ки пахта бояд асосан дар дохили кишвар коркард шавад. Зеро ҳангоми коркард дар дохили кишвар арзиши аслии он чанд маротиба афзоиш меёбад.

“Бояд коркарди пурраи пахта ба роҳ монда шавад. Мутаассифона, имрӯз пахтакор дар Тоҷикистон соҳиби воқеии маҳсулоти худ нест. Ҳамчунин, барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ бояд аз технологияҳои нав, аз ҷумла тачрибаи Чин истифода кард. Ин махсусан ба соҳаи тухмипарварӣ дахл дорад. Интихоби тухмии босифат, истифодаи усулҳои муосири обёрӣ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав аҳамияти муҳим доранд. Инчунин, зарур аст, ки пойгоҳҳои илмии институтҳо бозбинӣ шаванд ва таҳқиқоти илмӣ дар ин самт рушд ёбанд.

Бояд деҳқонон ҳавасманд карда шаванд. Заводҳои коркарди пахта бояд маблағи маҳсулоти харидоришударо саривақт пардохт намоянд. Таъмини саривақтии нуриҳои минералӣ ва хариди маҳсулоти деҳқонон бо нархи муносиб бояд кафолат дода шавад. Масъалаи дигар, бонкҳои кишвар барои пахтакорон қарзҳоро бо фоизи пасттар пешниҳод кунанд. Агар тамоми пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард гардад, метавон ҳаҷми истеҳсолотро афзоиш дод. Барои ин назорати ҷиддӣ, фаъолияти мунтазами корхонаҳои коркард ва татбиқи амалии барномаҳои давлатӣ зарур аст”, - изҳор дошт коршинос.

ИСТЕҲСОЛ МЕКУНЕМ, КОРКАРД ЧӢ?

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳа коркарди саноатии пахта мебошад. Тоҷикистон имкони истеҳсоли нахи пахта, ришта, матоъ ва маҳсулоти тайёрро дорад. Дар кишвар як қатор корхонаҳои нассоҷӣ фаъолият мекунанд, ки метавонанд дар ин раванд саҳм гузоранд. Аз ҷумла, корхонаҳои «Ҷавонӣ», «Нассоҷи Хуҷанд», «Спитамен Текстайл», «Ники Хуҷанд», «Ангубин», «Файзи Истиқлол-2011», «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» ва «Органик Ян» дар самти коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ фаъолият доранд.

Дар вилояти Суғд баъзе корхонаҳо имкони ба роҳ мондани силсилаи нисбатан пурраи истеҳсолро доранд. Тибқи маълумоти мақомоти вилоят, иқтидори умумии ҳашт корхонаи коркарди нахи пахта дар ин минтақа 43,5 ҳазор тонна дар як солро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Хатлон низ корхонаҳои коркарди пахта фаъолият доранд. Аз ҷумла, корхонаи «Ҷунтай Хатлон Син-Силу» дар ноҳияи Дӯстӣ бо иқтидори коркарди 250 - 300 тонна пахта дар як шабонарӯз фаъолият мекунад. Ашёи коркардшуда ба корхонаи нассоҷии «Ҷунтай Данғара Текстил Син-Силу» равона карда мешавад.

Ҳамзамон, барои рушди соҳа сохтмони маҷмааи нави нассоҷӣ дар шаҳри Кӯлоб пешбинӣ гардидааст. Иқтидори коргоҳи ресандагии он 10 ҳазор тонна ришта ва истеҳсоли матои трикотажӣ то 3 ҳазор тонна дар як сол муайян шудааст. Аммо масъала ин аст, ки иқтидори истеҳсолии корхонаҳо бо ҳаҷми воқеии коркард то кучо мувофиқат мекунад?

Вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир моҳи августи соли 2026 изҳор дошт, ки тақрибан 30 фоизи пахта дар дохили кишвар коркард мешавад.

ПАХТАИ ТОҶИКИСТОНРО БЕШТАР КӢ МЕХАРАД?

Тибқи маълумоти Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаш моҳи аввали соли 2026 аз кишвар ба маблағи 73,5 миллион доллар нахи пахта содир шудааст. Эрон харидори асосии нахи пахтаи Тоҷикистон аст. Туркия низ дар бозори содирот ҷойгоҳи назаррас дорад (нигаред ба инфографика).

Аммо суол ин аст, ки чаро қисми зиёди нахи пахта содирот мешавад? Ин дар ҳолест, ки ҳамасола дар кишвар чандин корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли матоъ ба роҳ монда мешавад. Магар ин корхонаҳо аз рӯи иқтидори пешбиншуда кор намекунанд? Ё шояд омили дигар ҳаст? Вобаста ба ин, назари масъулинро интизорем. Зеро агар пахта дар кишвар пурра коркард шавад, даромад чандин карат зиёд мешавад. Ба назари коршиносон, дар сурати рушди коркарди дохилӣ, Тоҷикистон метавонад на танҳо ашёи хом, балки маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи бештарро ба бозорҳои хориҷӣ пешниҳод намояд. Нуриддин Қаюмов, коршиноси масоили иқтисодӣ мегӯяд, Тоҷикистон метавонад аз содиркунандаи нахи пахта ба истеҳсолкунанда ва содиркунандаи маҳсулоти тайёри нассоҷӣ табдил ёбад.

“Дар гузашта ба ивази маҳсулоти хом мо аз хориҷ маҳсулоти тайёр мегирифтем. Акнун имрӯз замона дигар шудааст, бояд худамон истеҳсол кунем. Дар комбинати “Текстил” 15 000 коргар дар се баст кор мекарданд. Ҳоло чӣ? Ин рақам ба маротиб кам аст. Магар имкони барқарор кардан нест? Албатта, ҳаст. Пахта, қувваи корӣ, барқ дорем. Фақат ягон маҳсулоти химиявӣ мемонад, ки метавонем аз берун ворид намоем. Вақти он расидааст, ки либоси тайёр истеҳсол кунем. Мо баръакс, пахта медиҳем ва аз берун бо 10 маротиба даромади бештар либос мефурӯшанд. Ин чӣ маъно дорад? Бояд худамон маҳсулоти тайёр истеҳсол намоем”, - изҳор дошт номбурда.

Натиҷаҳои соли 2026 ва назари коршиносон нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон ҳанӯз дорои имкониятҳои истеҳсоли пахта аст. Аммо истеҳсолу содирот зиёд бошаду асъор ба берун равад, деҳқон аз меҳнати худ даромади муносиб нагирад, корхонаҳои ватанӣ бо иқтидори пурра фаъолият накунанд, чӣ суд? Масъулини соҳа чӣ назар доранд?

Усмон РАҲИМЗОДА





ЯГОНА ГУЗАРГОҲИ ЗЕРИЗАМИНИИ ХАТЛОН

Дар деҳаи Тӯгараки ноҳияи Восеъ гузаргоҳи зеризаминие мавҷуд аст, ки он то имрӯз дар минтақаи Кӯлоб ягона мебошад. Ахиран, ин иншоот, ки бо ташаббуси шахсони ватандӯсту ободгар бунёд гардидааст, имрӯз низ намунаи ибратбахши созандагӣ мебошад.

Охири соли 1991 дар деҳаи Тӯгараки ноҳияи Восеъ бунёди гузаргоҳи зеризаминӣ оғоз гардида, моҳи феврали соли 1992 ба анҷом расид. Боиси ифтихор аст, ки ин иншоот то имрӯз дар собиқ вилояти Кӯлобу Хатлони имрӯза гузаргоҳи зеризаминии яккаву ягона мебошад. Дар бунёди он раиси ҷамоати Тӯгарак Бозоралӣ Зуҳуров, директори мактаби №11 Мадхон Шарифов ва вазири вақти мелиоратсияи Тоҷикистон Ҳикматулло Насриддинов саҳми арзанда гузоштаанд. Ногуфта намонад, ки ҷавонмардони хайрхоҳи деҳаи Тӯгарак ба истиқболи 35 - солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон ин гузаргоҳи ифтихориро бо харҷи беш аз 100 ҳазор сомонӣ таъмири асосӣ намуда, ба таври замонавӣ аз нав сохтанд. Дар ин иқдоми ҷиддӣ саҳми ташаббускор Наимҷони Ҳалимзод, директори мактаби № 11 Суҳроб Ҳафизов, Фазлиддин Бобоев, Сиёвуш Ғуломов ва дигарон назаррас аст.

Дар солҳои пешин ин шоҳроҳ асосан Душанберо бо Кӯлоб мепайваст. Ҳоло бошад, он аз пойтахти кишвари азизамонро то Кӯлобу Дарвозу Ванҷу Бадахшон ва тавассути гузаргоҳи Кулма ба Ҷумҳурии Мардумии Чин пайваст мекунад.

Вақте ҳаракати нақлиётро мушоҳида мекунед, гумон меравад, ки дар ин шоҳроҳ на автомобилҳо, балки қатораҳои автомобилӣ ҳаракат мекунанд ва убури роҳ қариб ғайриимкон аст. Яъне, имрӯз ин шоҳроҳ бо тақозои замон ба садҳо чунин гузаргоҳҳои зеризаминӣ ниёз дорад. Имрӯз аз бархе хонаҳои деҳоти назди шоҳроҳ се-панҷ автомобили горонарзиш мебарояд. Ҳол он ки бо муттаҳид намудани маблағу имкониятҳо ва ҳашари дастаҷамъона метавон барои амнияти кӯдакону калонсолон гузаргоҳҳои замонавӣ бунёд намуд. Ашхоси доро ва соҳибкорони ватандӯстро мебояд дар пайравӣ аз иқдомҳои бунёдкориву созандагии Сарвари давлат бо коршиносони соҳа машварат намуда, барои бунёди чунин иншоот камари ҳиммат банданд. Магар гузаргоҳи беш аз се даҳсола қабл бунёдгардидаи Тӯгарак барои мо дарси ибрат нест? Аз мардони асил корҳои нек ва номи наку ба ёдгор мемонад.

Раҳматулло ШЕРАЛИЕВ,
омӯзгор, н. Восеъ



МАРДЕ ДУХТАРЕРО АЗ ХУДКУШӢ НАҶОТ ДОД

Милитсияи пойтахт аз ин мард Самиалло Хайруллозода ном бурда, гуфт, ки ӯ сокини Душанбе аст.

Ба гуфтаи манбаъ, ӯ духтареро, ки дар назди Варзишгоҳи марказии пойтахт “бо мақсади худкушӣ мехост худро аз баландӣ ба рӯди Душанбе ҳаво диҳад”, наҷот дода, аз фоҷиа пешгирӣ кардааст. Ҷузъиёти дигари ин ҳодиса ва далели қасди ҷони худ кардани ин духтар маълум нест.

Милитсияи Душанбе дар иттилоияи худ аз кори Самиалло Хайруллозода тавсиф карда, гуфтааст, ки ӯро бо сипоснома ва пул қадрдонӣ кардааст.

ТАКАББУРИ ЯК ИДДА ВА САРСОНИИ АКСАРИЯТ

Чаро дар мавсими сармо тамбашавӣ (роҳбандӣ) дар ҷодаи Душанбе – Чаноқ зиёд мешавад?

Рисолати роҳ таъмини иртибот ва ба ин васила саҳмгузорӣ дар пешрафти кулли соҳаҳо маҳсуб мешавад. Вақте дар ҷодаҳо бетафовутиву худхоҳӣ ва риоя накардани қоидаҳои ҳаракат роиҷ мегардад, роҳи обод ба майдони мушкилот табдил меёбад.





Таҷрибаи чанд соли охир гувоҳӣ он аст, ки маҳз такаббури баъзе ронандагон боиси тамбашавӣ (роҳбандӣ), талафи вақт, нороҳатии мусофирон ва халалдор гардидани ҳаракати нақлиёт дар шоҳроҳи Душанбе—Чаноқ мешавад. Мушоҳида мешавад, ки баъзе ронандагон ҳангоми ҳаракат аз тариқи ин шоҳроҳ, хоса дар мавсими сармо одитарин талаботро риоя намекунанд. Дарк намекунанд, ки як амали нодуруст, қарори осемасар ё кӯшиши худхоҳона барои пеш гузаштан аз дигарон боиси халалдор шудани ҳаракати воситаи нақлиёт ва тамабашавӣ (роҳбандӣ) мегардад.

Вақте як автомобил ба хати муқобил мебарояд, воситаҳои нақлиёти самти муқобил маҷбур мешаванд ҳаракатро бозторанд. Дар натиҷа, роҳи ҳар ду самт баста шуда, навбат зиёд мегардад. Ҳолатҳое низ пеш меоянд, ки барои бартараф кардани чунин мушкилот техникаи махсуси роҳнигоҳдорӣ ба ҷойи ҳодиса сари вақт расида наметавонад. Чун ронандагони мутакаббир ҳаракати дигарон маҳдуд месозанд, техникаҳои филиали ширкат низ дар миёни мошинҳо дармемонанд. Барои мисол, дар як минтақа тарма фаромада, барои тоза кардани роҳ техникаи пуриқтидор заруранд. Кормандони “IRS” омодаанд, ки ба ҷойи ҳодиса сафарбар шаванд. Вале дар қитъаи дигар баъзе ронандагон ба самти муқобил баромада, ҳаракатро бастаанд. Дар натиҷа, техникаҳое, ки бояд роҳи бастаро боз кунад, имкони расидан ба он маконро надоранд. Дар ҳоле ки ҳар як дақиқаи таъхир метавонад паёмадҳои ногувор дошта бошад.

Бо назардошти аз минтақаи кӯҳистон гузаштан роҳи Душанбе - Чаноқ махсусият дорад. Ҳангоми сафар тавассути ин масир, хоса дар мавсими сармо ҳолати чарҳҳо, низоми боздорӣ, аккумулятор, тачҳизоти зиддилағзиш ва имконияти техникии воситаи нақлиёт бояд ба шароити мавсим мувофиқ бошанд. Махсусан, дар фасли сармо истифодаи чарҳҳои зимистона ва дар ҳолатҳои зарурӣ занҷирҳои зиддилағзиш аҳамияти хоса дорад. Ҳамчунин, дар қитъаҳои муайяни кӯҳӣ истифодаи автомобили дорои тири пешбар каволати ҳаракати бехатар аст. Мутаассифона, баъзе ронандагон ин омилҳоро ҷиддӣ намегиранд. Бо автомобиле, ки барои ҳаракат дар шароити барфу ях омода нест, ба роҳ мебароянд ва ба монеа табдил меёбанд.

Фарҳанги ронандагӣ танҳо донистани аломатҳои роҳ, дуруст идора кардани автомобил ё доштани шаҳодатномаи ронандагӣ нест. Он, пеш аз ҳама, эҳтиром ба ҳаёти инсон, риояи ҳуқуқи дигарон ва дарки масъулияти шахсӣ мебошад. Ронандаи асил бояд дарк намояд, ки дар роҳ фармонраво нест. Ӯ бояд ба дигарон роҳ диҳад, масофаро риоя кунад, дар ҳолатҳои мураккаб оромиро нигоҳ дорад ва ҳеҷ гоҳ дар заминаи худхоҳӣ амнияти дигаронро зери хатар нагузорад. Мутаассифона, баъзе ронандагон чунин тасаввур мекунанд, ки ҳар кӣ бештар пеш гузашт, ҳамон қадар моҳиртар аст.

Як идда иддао доранд, ки “чун роҳи Душанбе – Чаноқ пулакӣ аст, бояд 24 соат қушода бошад”. Андешае, ки ба он ҳаргиз наметавон розӣ шуд. Бо назардошти андешаи мазкур, солҳои қаблӣ роҳбарияти филиали Ширкат кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳатто дар рӯзҳои бениҳоят номусоид будани вазъи ҳаво, ҳарчанд ҳаёти ронандагону мусофирон зери хатар қарор дошт, ҳаракати нақлият қатъ нагардад. Табиист, ки барои кушода будани роҳ кормандони “IRS” ба маънои томаш ҷонфидоӣ мекунанд ва ба ҳалокат расидани 11 корманди филиали Ширкат ҳангоми иҷрои рисолат шаҳодати ин гуфта аст.

Таҷриба нишон дод, ки ҳарчанд ронандагон бо сарфи назар кардани тавсияи кормандони мо дар мавриди мавҷудияти хавф роҳро убур карданд, вале дар сурати рух додани ҳодисаи нохуш, аз ҷумла зери тарма мондан борони таҳқиру маломат ба сари кормандони “IRS” мерезад. Яъне, бетафовутиву худхоҳии баъзе ронандагон, ки мучиби асосии ҳодисаи нохуш аст, умуман ёдоварӣ нашуда, аксарият нигаронӣ мекунанд, ки вақте хавф мавҷуд аст, чаро роҳро набастед? Бинобар ин, солҳои охир роҳбарияти филиали Ширкат тасмим гирифт, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани хавф, аз қабили тармафарорӣ роҳро муваққатан мебанданд.

Таъкид менамоем, ки ин иқдом ба хотири таъмини бехатари ронандагону мусофирон аст, зеро “IRS”, бо назардошти манфиатовар будан ба ҳеҷ ваҷҳ ҳавасманди қатъ шудани ҳаракати автомобилҳо аз тариқи роҳи мавриди назар нест.

Вобаста ба масъалаи мавриди назар тағйироти ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида бояд мадди назар бошад. Тибқи муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда, барои вайрон кардани талаботи аломатҳои роҳ ва ба вуҷуд овардани монеа ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои бозистӣ ҷарима пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, барои баромадан ба самти муқобили ҳаракат бо вайрон кардани талаботи аломатҳои роҳ ҷаримаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардидааст.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки аз дар ҳамгирой бо кормандони БДА назорати риояи қоидаҳои ҳаракат дар қитъаҳои мушкилгузари шоҳроҳи Душанбе—Чаноқ тақвият ёбад. Ҳамзамон, нисбат ба шахсоне, ки бо амалҳои худ ҳаракати нақлиётро халалдор мекунанд ва амнияти дигаронро зери хатар мегузоранд, бетаъхир чора андешида шавад.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

23 НОЯБР ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМОИШИ ҶАВОНОНИ НИЗОМИ БОНКӢ ТАҲТИ УНВОНИ «НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ» БАРГУЗОР ГАРДИД.



Ҳамоиш бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, ҳадаф аз баргузории он баланд бардоштани ҳисси худшиносиву ватандӯстии ҷавонон, таҳкими мавқеи онҳо дар рушди низоми бонкӣ, инчунин муаррифии саҳми насли даврони истиқлол дар рушди технологияҳои молиявӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ буд.

Дар ҳамоиш роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарон ва раисони шуроҳои ҷавонони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, кормандони ҷавони низоми бонкӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт иштирок намуданд.

Дар маросими ифтитоҳи ҳамоиш муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ қайд намуд, ки ҷавонон ҳамчун неруи созанда ва ояндасози кишвар дар таҳкими дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳим доранд. Зикр гардид, ки бо таваҷҷуҳ ва дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа дар маркази сиёсати давлатии кишвар қарор дошта, барои рушди ҳамаҷониба ва иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти иқтисодиву ичтимоии мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар ин замина таъкид гардид, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии муҳити молиявӣ омода намудани кадрҳои ҷавони дорои донишу малакаҳои муосир яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Маҳорати касбӣ, ташаббускорӣ, истифодаи самараноки технологияҳои нав ва масъулияти шахрвандии ҷавонон метавонанд дар баланд бардоштани рақобатпазирии низоми молиявӣ ва татбиқи ҳадафҳои созандаи давлат нақши муассир дошта бошанд.

Номбурда ҳамзамон ба зарурати таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шахрвандии ҷавонон ишора намуда, таъкид кард, ки дастовардҳои даврони истиқлол барои насли ҷавон на танҳо мероси арзишманди миллӣ, балки заминаи эҳсоси масъулият дар роҳи ҳифзи ин дастовардҳо, идомаи корҳои созанда ва саҳмгузорӣ дар рушди минбаъдаи кишвар мебошанд.

Дар навбати худ, муовини аввали раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шабнам Раҳимзода иброз дошт, ки сиёсати давлатии ҷавонон ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди қобилияту истеъдод, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа равона гардидааст. Таъкид гардид, ки ҷавонон бо донишу малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии муосир ва ташаббусҳои нав метавонанд дар рушди иқтисоди миллӣ, рақамикунонии низоми молиявӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории соҳибистиқлол саҳми арзанда гузоранд.

Дар идомаи ҳамоиш ба як қатор ҷавонони фаъоли низоми бонкӣ ва раисони шуроҳои ҷавонони ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои саҳми арзанда ашон дар рушди соҳаи бонкӣ ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон сипосномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш супорида шуданд. Бахши илмию амалии ҳамоиш ба рӯнамоии маводи мутахассисони ҷавони низоми бонкӣ бахшида шуд. Дар доираи он масъалаҳои марбут ба нақши ҷавонон дар рушди низоми бонкӣ, такмили низоми пардохт ва хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, рушди технологияҳои бонкии ватанӣ ва истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар низоми молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, фаъолияти Шурои ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон, нақши он дар рушди касбӣ ва ташаккули муҳити мусоиди ҳамкорӣ миёни ҷавонони низоми бонкӣ муаррифӣ гардид.

Зимни рӯнамоӣ иштирокдорон доир ба таҷрибаи татбиқи технологияҳои муосир, рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва имкониятҳои истифодаи роҳкорҳои инноватсионӣ дар низоми молиявӣ табодули назар намуданд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар доираи ҳамоиш аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ намоишгоҳи дастовардҳо ва маҳсулоти муосири бонкии кишвар ташкил гардида, иштирокдорони чорабинӣ бо имкониятҳои нави хизматрасониҳои молиявию технологӣ дар низоми бонкӣ шинос шуданд.

Баргузории чунин чорабиниҳо имкон медиҳад, ки ташаббусҳои ҷавонон дастгирӣ гардида, иқтидори касбию эҷодии онҳо барои рушди минбаъдаи низоми молиявӣ самаранок истифода шавад. Дар ин замина иштироки фаъоли ҷавонон дар равандҳои рақамикунонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва такмили хизматрасониҳои молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди низоми бонкӣ ва таҳкими дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб меравад.

КОРРУПСИЯ – ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

КОРРУПСИЯ – СУИИСТИФОДА АЗ МАҚОМУ ВАКОЛАТҲОИ ХИЗМАТӢ БО МАҚСАДИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ МАНФИАТҲОИ ШАХСӢ Ё МАНФИАТИ ШАХСОНИ ДИГАР МЕБОШАД. ИСТИЛОҲИ «КОРРУПСИЯ» АЗ КАЛИМАИ ЛОТИНИИ «CORRUPTIO» ГИРИФТА ШУДА, МАЪНОИ ФАСОД, ВАЙРОНШАВӢ ВА РИШВАХӮРИРО ДОРАД.



Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки иҷтимоию ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, барои амалӣ гардидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеа эҷод мекунад ва ба истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ халал мерасонад. Он метавонад боиси нобоварии шахрвандон нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи он гардида, барои афзоиши ҷиноятқорӣ ва ба вазифаҳои масъули давлатӣ роҳ ёфтани шахсони тасодуфӣ замина фароҳам оварад. Коррупсия дар қатори дигар хатарҳои ҷаҳони муосир аз мушкилоти ҷиддии ҷомеа ба шумор меравад. Чунин падидаи манфӣ дар роҳи пешрафти ҷомеа монеаҳои хеле ҷиддӣ эҷод менамояд. Бинобар ин, мо бояд тамоми омилу сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми неруҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳурот ва коҳиш додани сатҳи он сафарбар созем.

Мавриди ба зикр аст, ки инсоният имрӯз ба хатарҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, буҳронҳои ҷаҳонии молиявӣ ва дигар таҳдидҳои нав ба нав рӯ ба рӯст. Дар баробари ин, коррупсия низ яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ин зуҳурот дар ҷомеа реша давонда, метавонад ба шиддат гирифтани хатарҳои зикршуда мусоидат намояд. Аз муқаррароти моддаҳои 1, 5, 10 ва 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шахрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намуда, барои амалисозии онҳо заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Инчунин, дар қисми сеюми моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад». Барои расидан ба ҳадафҳои дар боло зикргардида зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда корҳои назаррас ба сомон расонида шаванд.

Дар Паёмҳои ҳамасолаи Сарвари давлат ба парлумони кишвар низ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дастуру супоришҳои дар ин самт баёнгардида бо иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шахрвандӣ, мақомоти давлатӣ ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ зина ба зина амалӣ мегарданд. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои дахлдор барои пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи ин падидаи номатлуб тадбирҳои пайваста меандешанд. Коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро заиф намуда, садди роҳи рушди ҷомеа мегардад. Мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва коҳиш додани сатҳи он ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Коррупсия воқеан яке аз зуҳуроти хавфнок кест, ки ба амалисозии барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеа эҷод намуда, ба истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои давлатӣ халал мерасонад. Имрӯз шахрвандон мафҳуми коррупсияро бештар бо суиистифода аз мансаб, порадиҳӣ, пораситонӣ ва истифодаи ғайриқонунии ваколатҳои хизматӣ алоқаманд медонанд. Тамаллуққорӣ, хушомадгӯӣ ва хешутаборбозӣ низ метавонанд барои сар задани амалҳои коррупсионӣ замина фароҳам оваранд. Имрӯзҳо коррупсия дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа зуҳур намуда, ба сиёсат, иқтисодиёт, муносибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Барои муборизаи самаранок бар зидди коррупсия андешидани тадбирҳои маҷмуии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ зарур аст. Бо назардошти ҳанӯз ҳам ҷой доштани мушкилот дар самти муқовимат ба коррупсия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ яке аз шартҳои муҳимми таҳкими эътимоди мардум ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Барои иҷрои талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз тамоми воситаҳои мавҷуда самаранок истифода барем ва нагузорем, ки коррупсия дар ҷомеа густариш ёбад. Зеро дар радифи ҳамаи тадбирҳое, ки барои муқовимат ба коррупсия пешбинӣ шудаанд, пеш аз ҳама, чораҳои пешгирикунандаи он нақши басо муҳим мебозанд.

Агар ҳамаи мо ба хотири ободии Ватани азизамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон содиқона заҳмат кашем, бешубҳа, барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва таъмини зиндагии шоистаю осудаи шахрвандони кишварамон саҳми арзанда хоҳем гузошт.

Саразода Илҳом Бобобек,
мудири филиали № 17-и КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон



Қудратулло Яҳёзода:

МУСИҚӢ МАРО АЗ РӮЗҲОИ САХТИ ЗИНДАГӢ НАҶОТ ДОД

ҚУДРАТУЛЛО ЯҲЁЗОДА АЗ ЗУМРАИ КОМПОЗИТОРОНИ МАЪРУФИ ТОҶИК АСТ, КИ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУСИҚИИ КАСБӢ, БАХУСУС ЖАНРҲОИ СИМФОНӢ, КАМЕРАВӢ, ТЕАТРӢ ВА СУРУД САҲМИ НАЗАРРАС ГУЗОШТААСТ. Ӯ ШОГИРДИ КОМПОЗИТОРИ МАШҲУРИ ҶАҲОНӢ АРАМ ХАЧАТУРЯН БУДА, ДАР ТӮЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИАШ БО БУЗУРГОНИ АДАБИЁТУ ҲУНАРИ ТОҶИК ҲАМКОРӢ КАРДААСТ. БА МУНОСИБАТИ 80-СОЛАГИИ ИН ҲУНАРМАНДИ СОҲИБМАКТАБ БО Ӯ АЗ РӮЗГОРИ ГУЗАШТА, ХОТИРАҲОИ УСТОДОН, ФОҶИАҲОИ ЗИНДАГӢ, НАҚШИ МУСИҚӢ ДАР САРНАВИШТИ ИНСОН ВА ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ САНЪАТИ АКАДЕМИИ ТОҶИК СУҲБАТ ОРОСТЕМ.



МАЪЛУМОТНОМА

Қудратулло Яҳёзода (Яҳёев) 1 декабри соли 1946 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Композитор, омӯзгор, профессор, Арбоби ҳунари Тоҷикистон (1991), барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2004) ва Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2022) мебошад. Муаллифи асарҳои симфонии «Тоҷикистони ман», “Хотираи Талбак Лолаев”, “Суруди Ҳофиз” «Зарбҳои кӯҳҳо», «Ёддоштҳо», «Идона» мебошад. Ба беш аз 60 намоишномаи театрӣ ва филмҳо мусиқӣ эҷод кардааст. Муаллифи беш аз 150 суруд аст, ки сарояндагони маъруф дар солҳои гуногун иҷро кардаанд. Солҳои гуногун дар Радиои Тоҷикистон, Филармонияи давлатӣ, Вазорати фарҳанг ва муассисаҳои таълимии мусиқӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2007 дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба омӯзгорӣ машғул аст. Бо орденҳои «Шараф» ва «Дӯстӣ» сарфароз гардидааст.

АЗ ҚУДРАТУЛЛО ТО ТИЛЛО

- Тилло ака, иҷозат диҳед, ки дар вақти мусоҳиба ҳам мисли ҳамеша, ба шумо чунин муроҷиат кунам...

- Бифармоед. Тавре медонед, аксари дӯстон маро Тилло мегӯянд. Ин ном қиссаи ҷолибе дорад. Ҳамшираи ман бо наттоқи маъруфи телевизиони Шӯравӣ Лӯъбат Бурҳонова дугона буданд. Як рӯз он кас ба хонаи мо омаданду маро дида, мепурсанд: “Ӯ чӣ ном дорад?” Гуфтанд: “Қудратулло”. Он кас ба мӯйҳои тиллоранги ман нигоҳ карда гуфтаанд: “Мӯйҳояш тиллоранг аст, беҳтараш Тилло гӯед”.

Ҳамин тавр, ҳамсинфҳо, рафиқон, устодон, ҳатто Арам Илич маро Тилло мегуфтанд. Фақат падару модарам Қудратулло мегуфтанд ва агар касе маро Тилло ном барад, андак хафа ҳам мешуданд.

- Волидайнатон чӣ кор мекарданд? Оё аз аҳли санъат буданд?

- Дадем омӯзгор буданд, дар чанд шаҳру ноҳия мудири маориф шуда кор кардаанд. Вале дутор ҳам менавохтанд. Модарам хонашин буданду ба тарбияи фарзандон машғул. Муҳите, ки мо ба воя расидем, бисёр ачиб буд. Кӯчаи мо аввал Будённий, баъдан Карл Маркс ва ҳоло Лоиқ Шералӣ ном дорад. Дар гузарамон устодони адабиёту ҳунар Зиёдулло Шаҳидӣ, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Халилов, Насимҷон Пӯлодов, Фозил Солиев, Акашариф Ҷӯраев ва Ҷалол Икромӣ зиндагӣ мекарданд. Зафар Нозим ҳамсояи пасидевории мо буд. Мо ин бузургонро ҳар рӯз медидем, бо онҳо сухбат мекардем. Дар ҳавлии Зиёдулло Шаҳидӣ бо писарашон Толибхон теннис бозӣ мекардем. Дар хонаи Акашариф Ҷӯраев борҳо шоҳиди машқи он кас бо писарашон Муқим шудаам. Ҳамин муҳит ба зиндагии ман таъсири бузург гузошт.

ФАРЗАНДАМРО НАҶОТ ДОДА НАТАВОНИСТАМ...

- Нигоҳи композиторҳо ва умуман онҳое, ки ба мусиқӣ машғуланд, ба зиндагӣ дигар аст. Шумо бо кадом андешаҳо ва эҳсосот марҳилаи 80-солагиро пешвоз мегиред?

- Пеш аз ҳама, рӯҳбаландона. Гумон мекунам, зиндагие, ки то имрӯз ба сар бурдаам, ба ғояи асарҳоям мувофиқат мекунад. Зиндагии хуб доштам. Дар муҳити солим ба воя расидам, сабақ омӯхтам, ёру дӯстони хуб, ҳамкасбони боақлу ботаҷриба пайдо кардам. Оилаи хубу фарзандони меҳрубон, боақлу бофаросат дорам, ки ҳамеша дастгирам ҳастанд. Онҳо дар зиндагӣ ба банда хеле зиёд ёрмандӣ карданд ва мекунанд. Вале зиндагӣ бе зарбаю пешпо хӯрдан намешудааст. Ман ҳам фоҷиаи сахтро пушти сар кардаам. Духтараки ширинам Фотима дар синни 13-солагӣ аз олам гузашт. Аз соли 1983 то соли 1987 барои саломатии ӯ мубориза бурдам. Он солҳо сахт рӯҳафтодаю дилшикаста будам. Фотима бисёр меҳрубон буд. Ҳарчанд кӯдак буд, муҳаббаташро эҳсос мекардам. Бовар дошт, ки дадааш ӯро наҷот медиҳад. Вале афсӯс, натавонистам... Ба Маскав бурдам, назди табибони маъруф. Ҳатто доруи «Катрекс»-ро, ки олими гурҷӣ Александр Гачечиладзе аз ҷигари наҳанги баҳри Сиёҳ таҳия карда буд, бо кӯмаки вазири вақти тандурустӣ Гулнора Комиловна дастрас намудем. Аммо ҳама талошҳоямон бенатиҷа монданд... Баъдан фаҳмидам, ки ҳамсари Михаил Горбочёв – Раиси Максимовна ҳам айнан беморӣ доштааст. Ӯ ҳам баъдан аз ҳамин беморӣ фавтид...

Бо маслиҳату насиҳатҳои модарам оҳиста-оҳиста худро ба даст гирифтам.

- Дар чунин ҳолатҳои вазнин чӣ шуморо ба зиндагӣ дилгарм мекунад?

- Мусиқӣ маро наҷот дод. Достони симфонии «Ёддоштҳо»-ро, ки ба 110-солагии устод Садриддин Айнӣ бахшида шудааст, дар он замон бо ашк навиштам. Баъдан, коргардон Баҳодур Миралибеков намоишномаи «Ғуруби Аҷам»-и Ҷумъа Қуддусро ба саҳна гузоштанӣ шуд. Ин намоиш бахшида ба 1400-солагии Борбад бахшида шуда буд. Ӯ ҳолати маро медонист ва пофишорӣ кард, ки барои намоишнома мусиқӣ нависам. Аввал розӣ нашудам, вале ӯ маро ором нагузошт, гуфт, ки роҳи наҷоти ту кор аст. Ниҳоят ба Хонаи эҷодиёти шаҳри Иваново рафта, як моҳ он ҷо кор кардам ва мусиқиро навиштам. Пештар дар Театри Лоҳутӣ оркестр вуҷуд дошт. Ҳунармандон, аз ҷумла Туҳфа Фозилова ва Борис Наматиев, зинда месароиданд. Вале он замон дигар на оркестр монда буд, на чунин имконият. Маҷбур шудем, ки фонограмма истифода барем. Сурудҳои асосиро Олим Бобоев, Муаззама Иброҳимова ичро мекарданд, ҳамчунин Тағоймурод Хушвахтов ва Сафарбегим Тошхӯҷаевароро даъват кардем. Ин намоиш бисёр шуҳратёр шуд. Ҳамин корҳо маро тадриҷан аз бухрони рӯҳӣ берун оварданд.

ШОГИРДИ АРАМ ХАЧАТУРЯН

- Шумо чӣ гуна ба олами мусиқии касбӣ роҳ ёфтед?

- Пеш аз ҳама, таъсири муҳите буд, ки ба воя расидам. Ҳамнишинӣ бо бузургони санъат маро ба ин роҳ овард. Агар композитор ҳам намешудам, ҳатман эҷодкор мешудам. Сабаби дигар Дамир Дӯстмуҳаммадов буданд. Мо ҳамсоя будем. Ман дар мактаби мусиқии рақами 7 таҳсил мекардам. Ҳанӯз дар синфҳои шашуму ҳафтум як-ду суруди бачагона навишта будам, ки дар чорабиниҳои мактабӣ месроиданд. Ҳамсояҳоямон Дамир ака, Сурат ака Халилов ва Аъзам ака Солиев ду сол пештар ба омӯзишгоҳи мусиқӣ дохил шуданд. Толиб Шаҳидӣ аз мо як курс боло мехонд, ману Зарина Миршакар ҳамкурс будем. Михаил Светаев, Юрий Тер-Осипов, Геннадий Александров ва Миратулло Атоев аз устодони мо буданд. Яъне дар омӯзишгоҳ аллакай маълумоти нағз гирифтем.

- Ба муҳити Маскав чӣ гуна роҳ ёфтед ва чаро ба Консерватория неву ба Донишкадаи Гнесинҳо дохил шудед?

- Он замон дар Тоҷикистон муассисаи олии махсуси мусиқӣ надоштем. Баъди омӯзишгоҳ ба Тошканд, Маскав ё шаҳрҳои дигар мерафтем. Кори курсии ман таҳти роҳбарии Геннадий Александров сюитаи чорқисма барои оркестри симфонӣ буд. Азбаски он вақт ҳанӯз ба сатҳе нарасида будам, ки асари маро оркестри симфонӣ навозад, онро барои чор дасту дар ду роял мутобиқ кардам. Бо Зарина Миршакар ба Маскав рафтем. Ба консерватория ҳамагӣ як нафарро аз Тоҷикистон қабул мекарданд. Зарина дохил шуд. Ман ба Донишкадаи давлатии мусиқӣ-педагогии ба номи Гнесинҳо ҳуҷҷат супоридам. Умарова ном духтарк аз Тошканд барои дохилшавӣ ба консерватория омада буд. Вай бо дугонааш суитаи маро навохт. 6



Соядасти Арам Хачатурян

асари дигар ман барои скрипка бо фортопеано, барои турба бо форотопина, барои кларнет бо фортопиано, барои фортопианоро ҳам он ҷо навохтанд. Дар ҳайати комиссия Арам Хачатурян, Литинский, Пейко ва Чугаев барин устодони бузург нишаста буданд. Баъди ду рӯз ба Донишкада омада, дидам, ки номи маро дар синфи Хачатурян навиштаанд. Қариб аз шодӣ парвоз мекардам.

- Аз зиндагиномаи Толибхон Шаҳидӣ медонем, ки Арам Хачатурян дар Консерватория дарс медоданд.

- Бале. Сешанбе дар Консерватория, чоршанбе дар Донишкадаи Гнесинҳо дарс медоданд. Вале шогирдонро ба ҳар ду муассиса даъват мекарданд. Баъзан, вақте нотоб мешуданд, ба хонаашон мерафтем.

Устод маро бисёр дӯст медоштанд, зеро дар асарҳоям зарбу оҳангҳои халқиро эҳсос мекарданд. Соати шаши саҳар масъули хобгоҳ хабар мекард: “Шеф тебя зовёт!”. Гӯширо бардорам, устод бе салому алейк мегуфтанд: “Ты до сих пор спишь? Вчера я тебе всё объяснил, что надо закончит финал концерта”. Ман ҳам кори устодамро идома дода, “Консерт барои скрипка бо оркестр” иборат аз 3 қисм навишта будам. Ман хоболуд ба хонаашон мерафтам. Дарро кушода мегуфтанд: “Тихо, Нина Владимировна спит.” Нина Владимировна Макарова ҳамсарашон ҳам композитор буданд. Хилъати сурхи рах-рах доштанд. Баъзан аз кисаашон пул бароварда медоданд, ки барои субҳона равған биёрам: “Равған бисёр хар, нисфашро бо худат мебарӣ. Аз тарабхонаю барҳо дурӣ ҷӯй. Ту фарзанди сарзамини офтобӣ ҳастӣ, шароб ба ту зарар дорад. Таомҳои серғизо хӯр.”-таъкид мекарданд, пайваста. Ҳамсарашон бошад, то анҷоми машғулият портфели маро аз хӯрокворӣ пур мекарданд. Ҳасибҳои беҳтарин, панир, себ, афлесуни мароқандӣ, як то коняк, мегузоштанд. Ман лоғару резапайкар будам, барои ҳамин ҳамеша ғамхорӣ мекарданд. Гоҳо гирифтани туҳфаҳоро рад мекардам. Вале устод мегуфтанд, ки ба тӯйи арӯсита меравам, он ҷо дастурхони нағз мекушоӣ, ҳисобӣ мешавем. Вале бемор шуданду омада натавонистанд. Телеграмма фиристоданд, ки онро Шарофиддин Сайфиддинов дар базм қироат карданд. Як ҳафта баъди тӯй чизҳои дустмедоштаи устодро дастовез гирифта ба Маскав, ба аёдати устод рафтам. Дар беморхонаи Кремл бистарӣ буданд. Маро дида ҳайрон шуданд: “Чӣ тавр зани ҷавонатро монда омадӣ?”. Гуфтам: “Шумо нотоб шудаед, наомада наметавонистам.”. Каме суҳбат кардем. Ҳамин вақт ду нафар даромада, чизе нагуфта, дастамро тоб доданду маро ба ҳуҷраи дигар бурданд. Тарсидам. Баъди чанд лаҳза чизе нагуфта маро озод карданд. Ба ҳуҷраи устод омадам, сабаб пурсидам. Ҳамсарашон ба тиреза ишора кард. Аз боло нигоҳ кардам. Маълум шуд, ки роҳбарони баландпояи Шӯравӣ, аз ҷумла Алексей Косигин, ба аёдати устод омадаанд. Аз суҳбатҳо фаҳмидам, ки масъалаи табобати устод дар Олмон низ матраҳ будааст. Вале роҳбарияти давлати Шӯравӣ устодро маслиҳат медиҳанд, ки нараванд. Зеро як композитори бузурги Шӯравӣ агар дар хорича табобат мегирифт, ин ба обрӯйи давлат таъсир мегузошт...

- Шояд ба Олмон мерафтанд, табобати беҳтар мегирифтанд?

- Шояд... вале Арам Илич аллакай саратон шуда буданд. Дигар ин ки давлати Шӯравӣ қавонине, дошт, ки онро фаҳмидан ва фаҳмонидан душвор аст. Агар муқобил набошед, як қиссаи ҷолиби дигарро нақл кунам.

- Бифармоед.

- Як рӯз ба хонаи устод рафтам. Каме саросема буданд. Гуфтанд, ки назди телефон навбатдор истам. Аз Вазорати корҳои хориҷӣ бояд занг мезаданд. Телефон занг зад. Ман гӯширо бардоштам, вале ҷуръати суҳбат накардам. Симаш дароз буд, ба ҳаммом бурдам. Он кас гап заданд. Аз ҳаммом баромаданду либоси расмӣ пӯшиданд. Гуфтанд, ки баъди як соат меоянд ва ба ман таъкид карданд, ки он касро интизор шавам. Пас аз якуним-ду соат баргаштанд, хеле хурсанд буданд. Гуфтанд: “Аз тиреза нигоҳ кун!” Нигоҳ кардам, дар поёни бино «Мерседес»-и сиёҳи нав меистод. Маълум шуд, ки як зани амрикоии арманитабор онро тухфа фиристодааст. Арам Илич чанде пеш аз ин бо сафари ҳунарӣ ба чанд штати Амрико рафта буданд. Он зан ба эҷодиёти устод дил бастааст ва ҳамчунин, ифтихор кардааст, ки яке аз бастакорони бузурги муосир ҳаммиллати ӯст. Мошинро вазорат ба устод расондааст. Устод бо завқ нақл карданд, ки ба ронанда гуфтаанд оҳиста ҳаракат кунад, то мардум бинанд, ки як арманӣ дар кӯчаҳои Маскав бо чунин мошин кару фар карда мегардад. Он кас бисёр миллатдӯст буданд. Аз арманӣ будани худ ифтихор доштанд. Ба мо ҳам таъкид мекарданд, ки дар асарҳоямон ҳатман рӯҳи миллӣ бошад. Агар инро эҳсос намекарданд, мегуфтанд: “Это набор нот, а где душа?

Яъне, «Ин танҳо маҷмуи нотаҳо аст, рӯҳаш кучост?».

ҲУШИ МАСНУӢ ВА МУСИҚИИ ИМРӮЗА

- Сурудҳои шуморо сарояндагони зиёде сароидаанд. Беш аз 150 сурудатон то имрӯз ҳам садо медиҳад. Чаро ба ин жанр дилбастагӣ доред?

- Чандин сол дар радио кор кардам. Он вақт Орифшо Орифов ба ансабли эстрадии “Гулшан”, Шоҳназар Соҳибов ва баъдан Бобоқул Файзуллоев ба “Шашмақом”, Давлатманд Холов ба "Фалак" ва Саидқул Билолов ба ансамбли «Дарё» сарварӣ мекарданд. Он замон мисли имрӯз набуд, ки дар ҳар як таҳхона студия бошаду ҳар кас суруд сабт кунад. Сарояндагон дар интихоби суруд бисёр ҷиддӣ буданд. Бинобар ин, аз мо оҳангҳои нав талаб мекарданд. Ман имконияту фосилаи овозии онҳоро ба назар гирифта барояшон суруд менавиштам. Нуқра Раҳматова, Орифшо Орифов, Муқаддас Набиева, Аҳмад Бобоқулов, Шоиста Муллоҷонова, Ҷӯрабек Муродов, Тоҷиддин Муҳиддинов, Махфират Ҳамроқулова, Барно Исҳоқова ва аксари сарояндагони маъруфи солҳои 70 ва 80-у 90 сурудҳои маро иҷро кардаанд. Ҳоло баъзе сарояндагони ҷавон ба нотаҳои баланд нарасанд ҳам, дастгоҳ овозашонро месозад. Чанде пеш сарояндае сурудашро шунавонд. Гуфтам: “Охир, овози ту ба ин пардаҳо намерасад. Чӣ тавр хондӣ?” Гуфт: “Бо ҳуши маснуӣ дуруст кардам.”...

- Шумо ба ҳуши маснуӣ ва ворид шудани он ба фазои мусиқӣ чӣ назар доред?

- Ҳоло ба он бо шавқу ҳавас менигарем, зеро воқеан корҳои аҷиб мекунад. Вале хатарашро баъдтар дарк хоҳем кард. Ҳама чиз сунъӣ мешавад. Асоси кори эҷодӣ иртиботи қалб ба қалб аст, ин аз байн меравад. Ба аксҳои бо ҳуши маснуӣ сохташуда нигоҳ кунед. Зебо ҳастанд, вале самимият надоранд. Чеҳраи инсони воқеиро намебинед. Моро зиндагӣ дар як ҷаҳони сунъӣ таҳдид мекунад.

- Вақтҳои охир кам суруд менависед?

- Хеле кам. Зеро сарояндагони табъи дилам кам шудаанд. Ҳоло Зубейр Кабиров, Нилуфар Сатторова, Достон Холов, Олимҷон Солиев, Хуҷастаи Мирзовалӣ, Олимҷон Аҳатов ва Тоҷиддин Раҳимов баъзе сурудҳоямро иҷро мекунанд. Шогирдони консерватория низ месароянд.

ҶАВОНОНРО ДАСТГИРӢ БОЯД КАРД

- Устод, шумо солҳост, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ машғулед...

- Бале, дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Омӯзишгоҳи мусиқии ба номи Аҳмад Бобоқулов дарс мегӯям. Ҳамкорӣ бо ҷавонон ба ман нерӯ мебахшад.

- Байни ҷавонон оҳангсозони боистеъдод ҳастанд? Чаро номи онҳоро кам мешунавем?

- Ҳастанд. Бахтиёр Убайдзода, ки муаллифи ду балет аст ва дар консерватория мудири кафедра аст. Бахтовар Давлатзода, ки оркести кӯдаконаро роҳбарӣ мекунад. Мадина Иброҳимзода, Шодмон Зарипов ва Муҳаммадалӣ Машрабов аз ҷавонони соҳибистеъдоданд. Онҳоро ҷалбу дастгирӣ кардан лозим аст. Вале касе ба онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ намекунад. Замоне устод Зиёдулло Шаҳидӣ барои ман - композитори ҷавон назди раиси шаҳр рафтанд, то бароям хона диҳанд. Шарофиддин Сайфиддинов низ моро бисёр дастгирӣ мекарданд. Вақте Арам Хачатурян даргузаштанд, Сайфиддинов маро даъват карда гуфтанд: “Ту шогирдаш ҳастӣ, ба маросими видоъ бирав”. Маблағи роҳро ҳам доданд. Имрӯз чунин дилсӯзӣ кам шудааст. Моҳҳову солҳо дар бораи мусиқии академӣ як мақолаи ҷиддӣ намебинед. Нақди мусиқӣ қариб аз байн рафтааст. Қаблан асарҳои композиторон муҳокима мешуданд. Устодон ва мусиқишиносон ҷавононро дошта, эродҳояшонро мегуфтанд, муносибаташон бисёр дилсӯзона буд. Ҳоло чунин рафтору гуфтор нест. Ҳаст, рафтору гуфтори бад. Бетарафӣ ба сарнавишти дигарон, ҳавобаландӣ... афсӯс.

- Умуман, вақтҳои охир мардуми мо андаке дағалгуфтор ва нисбати сарнавишти якдигар бетараф шудаанд. Шумо эҳсос мекунед?

- Бале. Намедонам сабаб чист. Ба назарам, таъсири ҳамин телефони мобилӣ аст, ки ҳама ба он ғутавар шудаанд. Ман ҳар рӯз бо автобус ба кор меравам. Ҷавонон сарашонро аз телефон намебардоранд. Гӯё калонсолонро намебинанд, ҷой намедиҳанд. Ин аз камбуди маърифат аст. Вақте фарҳанги муошират заиф мешавад, чунин рафтор пайдо мегардад.

БА ОЯНДА ХУШБИНАМ

- Дар умум, ба ояндаи санъати академии тоҷик чӣ назар доред?

- Ман хушбинам. Бо вуҷуди душвориҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ санъаткорони мо анъанаҳои бисёреро нигоҳ доштанд, навоварӣ карданд, эҷод намуданд. Яке аз рӯйдодҳои муҳими имрӯза таъсиси Театри миллӣ мебошад. Ман узви Шӯрои бадеии он ҳастам. Қарор аст, ки операи «Рустам ва Сухроб»-и Талабхӯҷа Сатторов дар ин театр ба саҳна гузошта шавад. Сатҳи Театри миллӣ бояд баланд бошад. Он бояд ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Дар он асарҳои беҳтарини касбии академӣ ба саҳна бароянд. Ҳадаф ҳам муаррифии санъати тоҷик дар ҷаҳон ва ҳам ошно кардани мардуми худ бо шоҳкориҳои ҷаҳонист. Пештар мо фақат Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айниро доштем. Акнун имкониятҳои нав пайдо шудаанд. Оркестри симфонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолият дорад. Дар назди он оркестри кӯдакону наврасон ташкил шудааст. Инҳо ояндаи санъати моянд. Акнун муҳим он аст, ки эҷодкорон муттаҳид бошем, ба ҳамдигар маслиҳат диҳем, ҷавононро дастгирӣ кунем ва барои рушди санъати асил талош намоем.

Мусоҳиб: Одил НОЗИР



ҶОМӢ ВА НАВОӢ

Хотирае, ки пас аз 47 сол бедор шуд

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

ЁДЕ АЗ ДАРОЗИ АБЛАҲУ КАЛТАИ ФИТНА

Рӯзи дигар, барои гирифтани иҷозати сафар ба Ҳирот, назди сармушовири гурӯҳи геологҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон Евгений Михайлович Охремюк рафтам. Медонистам, ки сафари дерintизорам ба Ҳирот аз ӯ сахт вобаста аст.

Охремюк дар ошёнаи дуюми бинои чаҳорошёнаи Микрорайони Кобул, даҳлези дуюм зиндагӣ мекард. Марди қоматбаланд, лоғар, серҳаракат ва ниҳоят ҷиддӣ буд. Аз ҷумлаи одамоне буд, ки вақт аз дунболашон медавад. Кам механдид, вале вақте табассум мекард, чеҳраи ҷиддиаш якбора мешукуфт. Ба тоҷикон эҳтироми хоса дошт. Шояд сарчашмаи чунин муносибат Абдурашиди Хуҷандӣ буд, ки масъулияти сартарчумониро дар ширкат ба дӯш дошт. Марди донишманд, соҳибмаърифат, хушмуомила ва донандаи хуби фарҳанги мардуми Афғонистон ва забонҳои русию дарӣ буд. Ба гумонам, ҳамон солҳо ба таҳияи луғати истилоҳоти геологии русӣ-дарӣ низ машғул буд. Шояд барои ҳамин Охремюк ба ӯ на ҳамчун тарҷумон, балки чун мушовири боэътимод муносибат мекард.

Абдурашид ҳатто аз шӯхӣ кардан ҳам худдорӣ намекард. Аммо ин шӯхиҳо ба маврид ва фозилона буданд, на бемавриду аблаҳона.

Ҳангоми ба назди ӯ рафтан, намедонам чаро, як воқеаи хандаовари чанде қабл рӯйдода ба хотирам омад. Он рӯз дастаҷамъона дар «Гӯшаи сурх» - ҳуҷраи маърифатие, ки барои ҷамъомаду тамошои барномаҳои телевизионӣ пешбинӣ шуда буд, нишаста будем. Аз тариқи телевизион мулоқоти роҳбари Афғонистон Бабрак Кормал бо роҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ Леонид Брежневро намоиш медоданд.

Он замон, дар баробари рӯзномаҳо, телевизион як сарчашмаи иттилоот ва таъсирасонӣ ба мардум буд. Хусусан дар Афғонистон, ки мардум ташнаи шунидани хабари тозаи муносибат миёни Кобулу Маскав буданд.

Дар экран ду роҳбар паҳлуи ҳам қарор доштанд. Брежнев марди қоматбаланду тануманд буд, Бабрак Кормал бошад, дар муқоиса бо ӯ кӯтоҳқомат менамуд. Ин тафовут беихтиёр масали машҳури мардумиро ба хотир меовард: «Дароз аҳмақу калта фитна».

Намоиши телевизионӣ анҷом ёфт. Охремюк, ки мулоқотро бо диққат тамошо мекард, сар бардошта гуфт:

- Бабрак Кормал сиёсатмадори бузург, марди донишманд.

Ҳамин лаҳза Абдурашиди Хуҷандӣ, ки марди кӯтоҳқад буд, забон ба базлагӯӣ кушод. Бо табассуми маънидор, гӯё хулосаи як баҳси ҷиддии сиёсиро эълон мекарда бошад, гуфт:

- Қади паст нишони бузургист!

Ханда дар ҳуҷра баланд шуд. Шӯхӣ он қадар ногаҳонӣ ва бамаврид буд, ки ҳатто Охремюки камгап аз ханда худдорӣ карда натавонист. Вай Абдурашидро, ки қадаш базӯр ба китфи ӯ мерасид, бо лутф ба канор кашид. Ман бо дидани ин манзара боз хандидам.

Абдурашид бо як ҷумла ҳам зикри ифтихор аз қади пасти худ кард ва ҳам фазои расмии ҷамъомадро ба маҳфили дӯстона табдил дод. Баъзан як шӯхии бамаврид кореро мекунад, ки сухани фозилону донишмандонро ба канор меандозад. Албатта, даме, ки сухан аз базлагӯӣ бо касони тасмимгир меравад, эътидолро риоя кард, ки он бар зиёни раъият анҷом наёбад. Ҳикмати базлагӯӣ танҳо дар хандондани аҳли қудрат нест, балки дар он аст, ки як лаҳза хандаи ӯ ашки дигаронро ба бор наорад. Шояд ҳамин маҳорати муошират буд, ки Абдурашид тавонист дар дили Охремюк ҷойгоҳи хоса пайдо кунад.

Ин хотира ҳангоми аз зинаҳои бино боло рафтан ба ёдам омад ва андаке изтиробамро кам кард. Ба худ гуфтам, ки марди шӯхии Абдурашидро мебардодошта, шояд хоҳиши маро ҳам рад накунад.

Вале шӯхӣ як гап, интизоми хизматӣ гапи дигар аст.

Ба назди Охремюк даромадам.

Ӯ пушти мизи корӣ саргарми мутолиаи ҳуҷҷатҳо нишаста буд. Рӯйи миз коғазҳои зиёде мехобиданд. Чунон ба кор фурӯ рафта буд, ки агар пашша пар мезад, шунида мешуд. Вай баробари дидани ман сар бардошт ва бо ишора ба нишастан водор сохт. Сипас боз ба ҳуҷҷатҳо рӯй оварад.



Евгений Михайлович Охремюк

Ман нишастам. Чанд лаҳза сукут ҳукмфармо шуд.

Ниҳоят Охремюк коғазҳоро як тараф гузошту сар бардошта, ба ман нигарист:

- Хизмат?

Ман бе муқаддима асли мақсадро баён кардам. Аз суҳбати дирӯза бо Абдулаҳад Қаҳҳоров, Мирзо Бобоев ва Хушвахт Кӯйбоқаров ёдовар шудам. Гуфтам, ки онҳо ният доранд барои зиёрати қадамгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ба Ҳирот сафар кунанд ва маро низ ба ҳамсафарӣ даъват намуданд.

Сипас хоҳиш кардам:

- Агар иҷозат диҳед, мехоҳам ду-се рӯз ҳамроҳи онҳо ба Ҳирот равам.

Охремюк лаҳзае хомӯш монд.

Ман аз нигоҳи ӯ чизеро фаҳмида наметавонистам. Дар он на нишони ризоият дида мешуд, на аломати норозигӣ.

Ӯ андаке ба андеша фурӯ рафт ва зери лаб такрор кард:

- Қаҳҳоров... Қаҳҳоров...

Гӯё аз миёни хотираҳояш номи ошноеро мечуст.

Сипас ба ёд овард:

- Ман бо он кас дар яке аз ҷаласаҳои сафорат суҳбат доштам. Одами бисёр донишманд.

Ин суханро шунида, дар дилам чароғи умед фурӯзон шуд. Медонистам, ки Охремюк ҳар касро эътироф намекунад. Агар аз касе чунин ёд кунад, маънии қадр карданро дошт.

Баъд суханашро идома дод:

- Ҳамсафарӣ бо чунин шахс мояи ифтихор аст.

Ин ҷумла бароям аз ҳама гуна ҷавоби расмӣ хуштар садо дод. Аммо ҳанӯз калимаи «иҷозат» аз забонаш садо надода буд.

Охремюк андаке фикр карда, боз гуфт:

- Дар минтақаи Чишти Шарифи Ҳирот геологҳои мо таҳти роҳбарии Борис Сухарев кор мекунанд. Ту баъди анҷоми сафарат ба Ҳирот, ба назди онҳо меравӣ, як моҳ дар он ҷо кор мекунӣ.

Ман аз шодӣ дар курта намеғунҷидам. Вале кӯшиш мекардам хушҳолии худро аз ҳад зиёд нишон надиҳам. Охремюк, ки одати изҳори эҳсосоти зиёдатиро надошт, шояд чунин рафторро намеписандид.

Аз ҷо бархоста, барои иҷозат ва бовариаш ташаккур гуфтам. Дарк кардам, ки номи Абдулаҳад Қаҳҳоров бароям калиди дари баста шуд.

Ҳангоме ки аз ҳуҷра берун шудам, гӯё ҳамон даҳлезу зинаҳо дигар шуда буданд. Субҳ ба ин бино бо дили пур аз савол даромада будам, акнун бо ҷавоби дилхоҳ мебаромадам.

Он рӯз ба Мирзо Бобоев хабар додам, ки Охремюк иҷозат дод ва ман ҳамсафари онҳо хоҳам шуд.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

ПАРЧАМИ КОВА ДАР ДАСТИ МОСТ!

Парчами давлатӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ, рамзи соҳибистиқлолӣ, давлатдорӣ ва ифтихори миллии тоҷикон мебошад. Парчамдориву парчамбардории халқи мо таърихи қадима дошта, аз аҳди бостон то имрӯз роҳи тӯлониеро тай намудааст.

Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз замонҳои қадим соҳиби рамзу нишонҳои давлатдорӣ буданд. Вобаста ба суннати парчамбардории ниёгони мо Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуда буданд: «Ҳанӯз дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ки он парчам рамзи як давлати неруманди замона ба ҳисоб мерафт».

Абурайҳони Берунӣ пайдоиши парчамро дар таъриху фарҳанги миллати тоҷик ба муборизаи Коваи оҳангар бар зидди зулму истибдод мансуб медонад. Дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, ки намунаи осори барҷастаи ватандӯстӣ ва тарғибгари некиву мардонагист, аз муборизаи Коваи оҳангар ёдоварӣ шудааст. Кова пешдомани чармини худро дирафш карда, халқи ситамдидаро ба мубориза даъват намуд. Имрӯз тасвири «Дирафши Ковиён» дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рамзи пойдориву бардавомии давлатдории миллӣ мебошад. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 2009 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» пешниҳод гардида, 19 ноябри ҳамон сол тасдиқ шуд. Ин иқдоми нақиб аз ҳар як сокини кишвар ҳисси баланди ватандӯстӣ ва дарки масъулиятро тақозо намуда, барои тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи хештаншиносиву меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба суннатҳои волои давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Қадршиносӣ аз Парчами давлатӣ арҷгузорӣ ба давлат, ифтихор аз гузашта, имрӯз ва фардои халқ буда, яке аз омилҳои муҳими худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ф. Ҳ. САМАДЗОДА,
омӯзгори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

БИРАВ, ҲУҶҶАТ СУПОР!

Чаро ман мехоҳам садои мардум бошам?



Ман дар курси дуюми ихтисоси рӯзноманигории байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мехонам. Мехоҳам як қисми ҳаёти худ, рӯзгори донишҷӯӣ ва роҳи расидан ба орзуҳоямро бо шумо қисса намоям.

Дар ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Наврӯз зиндагӣ мекунам. Таҳсилотро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 гирифтаам. Пас аз хатми мактаб қарор додам, ки ба донишгоҳ дохил шавам. Аммо дар ин роҳ на ҳама маро дастгирӣ мекарданд. Пеш аз дохил шудан ба донишгоҳ бародарам борҳо мегуфт, ки пас аз хатми мактаб ба ягон донишгоҳ ҳуҷҷат насупорам, зеро ба фикри ӯ, барои духтар таҳсил кардан он қадар муҳим нест. Аз шунидани чунин суханҳо рӯҳафтода мешудам. Вале як рӯз падарам ба ман гуфтанд: «Бирав, ҳуҷҷат супор! Агар дохил шавӣ, ҳатман таҳсил кун!».

Ин суханони падар ба ман неруи бузург бахшиданд. Хеле хурсанд шудам ва бо умеду боварӣ ҳуҷҷатҳоямро супоридам. Хушбахтона, ба Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дохил шудам. Ин яке аз лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи ҳаёти ман буд.

Ҳоло ман дар ин донишгоҳ таҳсил мекунам. Донишгоҳ барои ман на танҳо макони гирифтани дониш, балки ҷойи тарбияи ахлоқӣ, ташаккули чаҳонбинӣ ва омӯхтани роҳи дурусти зиндагӣ мебошад. Устодони донишгоҳ бо донишу тачрибаи худ дар таълиму тарбияи донишҷӯён саҳми арзанда мегузоранд. Дар байни онҳо профессор Илҳомҷон Ҳамидиён барои ман ҷойгоҳи махсус доранд. Устод бо рафтори нек, суханони пурмазмун ва муносибати самимии худ дар қалби шогирдон ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд. Ман аз ноҳияи Шаҳринав ҳар рӯз ба донишгоҳ меоям. Роҳи дур рафтуомади ҳаррӯзаи маро каме душвор мекунад. Баъзан аз сабаби дурӣ дер мерасам, вале устодонамон вазъияти маро мефаҳманд ва бо сабру таҳаммул муносибат мекунанд. Бо вуҷуди ин, ман ҳамеша кӯшиш мекунам, ки барвақт ба дарс ҳозир шавам, зеро дарсҳои устодон бароям хеле шавқовару омӯзандаанд.

Баъди анҷоми дарсҳо низ мушкилиҳои роҳ идома меёбанд. Вақте аз донишгоҳ мебароям, автобусҳо ва мошинҳо аксаран пур мешаванд. То ба хона расидан вақти зиёд сарф мешавад. Баъзан одамон мегӯянд, ки чаро барвақт намебароӣ, зеро роҳ серодам аст ва мошин пайдо кардан душвор мешавад. Аммо ман ҳамеша кӯшиш мекунам, ки ба ҳамаи ин душвориҳо тоб оварда, таҳсиламро идома диҳам.

Ман, ки оянда мехоҳам рӯзноманигор шавам, орзу дорам, ки чунин мушкилоти ҷомеаро тавассути воситаҳои ахбори омма инъикос намоям. Мехоҳам дар бораи мушкилоти мардум нависам, садои онҳоро ба ҷомеа расонам ва барои бехтар шудани зиндагии одамон саҳм гузорам.

Ман мехоҳам ба ҳамаи ҷавонон, махсусан духтарон, бигӯям, ки аз душвориҳо натарсанд ва барои расидан ба орзуҳои худ мубориза баранд.

Муниса ҶӮРАЕВА,
донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси рӯзноманигории байналмилалии ДБССТ

ВАҚТЕ ТЕЛЕФОН ПАНОҲГОҲ МЕШАВАД

Қиссаи самимӣ аз ҷавонӣ ва дарёфти худ

Дар ҳаёти ҳар шахс давраи пур аз имкониятҳо ин давраи ҷавонӣ мебошад. Ин яке аз беҳтарин, аҷибтарин ва аз баъзе ҷиҳатҳо душвортарин марҳилаи зиндагӣ аст. Дар ин аём мо хотираҳои худро месозем. Дар ҷавонӣ мо ҳам аз хатоҳо ва ҳам аз бурдҳои худ таҷриба мегирем ва ҳамчун шахси муваффақ рушд мекунем.



Ҷавонӣ чӣ қадар лаҳзаи аҷиби зиндагӣ мебошад. Вақте ки дар ҳаёти мо тағйироти зиёд ба амал меоянд ва ҳар яки мо ба зиндагии мустақилонаи худ шурӯъ мекунем, ҳаёти ояндаамон дар дасти худи мост. Албатта, дар ин давра мо таҷрибаи бузурге надорем ва иштибоҳ кардан ҳатмӣ аст, аммо бояд аз ёд набарем, ки дар ин роҳ танҳо нестем. Ҳамеша метавонем назди падару модар рафта, аз онҳо маслиҳат гирем.

Яке аз хатоҳои ҷавонони имрӯз аз меъёр зиёд истифода бурдани телефон, нишастан дар шабакаҳои интернетӣ ва беҳуда тамошо кардани наворҳост, ки бо ин вақти пурқиммати худро аз даст медиҳанд. Вақте шахсе бо муҳаббати зиёд кор мекунад, аз кору фаъолияти худ лаззат мебарад. Замоне буд, ки ман дар рӯзҳои душвори зиндагӣ ба ҷойи мубориза бурдан бо мушкилот ва ҳаракат кардан ба сӯи орзуҳоям, худро дар ҷаҳони маҷозӣ гум карда будам. Соатҳо паси экрани телефон мегузаштанду ман ҳатто пай намебурдам, ки чӣ гуна рӯзҳо аз дастам мерафтанд. Гӯё телефон барои ман паноҳгоҳе шуда буд, ки дар он мехостам аз фикрҳо, ташвишҳо ва воқеияти зиндагӣ гурезам. Аммо намедонистам, ки ҳамин гурез маро аз худам ва аз одамони бароям азиз дуртар мекунад. Дар он давра бисёре аз наздиконамро нохост ранҷондам. Ҳатто суханони модарам, ки шояд аз рӯйи ғамхорӣ ва нигаронӣ гуфта мешуданд, бароям сангин меомаданд. Баъзан аз худ мепурсидам, ки чаро ин қадар зуд асабонӣ мешавам, чаро чизҳои хурд маро зиқ мекунанд ва чаро дигар мисли пештара нестам. Намедонам он чӣ марҳилаи зиндагии ман буд - хастагии рӯҳӣ, саргардонӣ ё танҳо гум кардани роҳи худ. Аммо як чизро хуб дарк кардам: ман вақти зиёд, оромии ботинӣ ва лаҳзаҳои зебои зиндагиро дар паси экрани телефон аз даст додаам.

Хушбахтона, инсон ҳамеша дар як ҳолат намемонад. Имрӯз худро нисбат ба он рӯзҳо бехтар ҳис мекунам. Камтар зиқ мешавам, бештар ба атрофиён аҳамият медиҳам ва кӯшиш мекунам наздиконамро бо рафтору суханонам наранҷонам. Шояд ҳанӯз ҳам роҳи зиёде дар пеш дошта бошам, аммо акнун медонам, ки аз он ҳолат оҳиста-оҳиста берун омада истодаам. Баъзан бузургтарин пирӯзӣ на расидан ба орзуҳои бузург, балки бозгаштан ба худи хеш аст. Ва ман фикр мекунам, ки ҳоло яке аз муҳимтарин қадамҳои зиндагиямро гузошта истодаам.

Омина АЗАРАЕВА,
донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси рӯзноманигории байналмилалии ДБССТ

ОМӮЗГОРИРО РИСОЛАТИ ЗИНДАГӢ МЕДОНАД



Дар зиндагии ҳар яки мо омӯзгороне ҳастанд, ки бо донишу хирад, меҳрубонӣ ва суханони пандомӯз дар қалбамон ҷойи махсус пайдо мекунанд. Барои ман чунин шахс муаллимаи азизам Наргис Усмонзода мебошад, ки на танҳо ба мо дониш меомӯзонад, балки бо рафтору гуфтори намунавии худ дарси зиндагӣ медиҳад.

Омӯзгор яке аз муҳимтарин шахсиятҳо дар ҳаёти ҳар як инсон аст. Ӯ ба шогирдон на танҳо дониш, балки одобу ахлоқ, меҳнатдӯстӣ ва роҳи дурусти зиндагиро меомӯзонад. Меҳнати омӯзгор бузург ва арзанда аст, зеро ояндаи ҷомеа дар дасти шогирдони имрӯз аст.

Устоди дӯстдоштаи ман бо дониши баланд, сухани самимӣ ва муносибати одилонааш ба мо андешидан, чустучӯ кардан ва ба зиндагӣ бо нигоҳи дуруст нигаристанро меомӯзонад. Ҳар машғулияти ӯ барои мо дарси зиндагист. Суханони пурмаъно ва маслиҳатҳои самимии устод ба мо неру мебахшанд ва водор месозанд, ки барои расидан ба мақсад бештар кӯшиш кунем.

Усмонзода Наргис Кучар 4 ноябри соли 1984 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Солҳои 1991–2002 дар мактаб-литсейи кӯдакони болаёқати ноҳия ва солҳои 2002–2007 дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Фаъолиятро соли 2007 ба ҳайси хабарнигор ва муовини муҳаррири рӯзномаи «Субҳи дониш» оғоз намудааст. Аз соли 2008 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси лаборанти кафедраи журналистикаи байналмилалӣ ва баъдан ассистенти кафедраи матбуот фаъолият кардааст. Аз 25 марти соли 2016 то имрӯз мудир ва дотсенти кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ мебошад. Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ муаллимаи азиз ба корҳои илмӣ низ машғуланд. Соли 2013 рисолаи номзадиашонро дар мавзуи «Ҳақиқати таърихӣ ва ангезаҳои публитсистии романи Ҷумъа Одина - муаллима “Гузашти айём» ҳимоя кардаанд. Муаллифи як монография, се дастури таълимӣ, 21 мақолаи илмӣ ва 40 мақолаи илмию оммавӣ мебошанд.

Барои такмили дониш ва маҳорати касбӣ устод дар семинару курсҳои омӯзишии дохиливу байналмилалӣ пайваста иштирок мекунанд. Аз ҷумла, соли 2023 дар Туркия дар семинари «Журналистикаи рақамӣ» ширкат варзида, моҳи декабри ҳамон сол дар Донишгоҳи федералии Қазон аз рӯйи мавзуи расонаҳои гибридӣ дар давраи чангҳои иттилоотӣ такмили ихтисос намудаанд.

Меҳнати шоистаи муаллима бо ифтихорномаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ шудааст.

Роҳи касбии муаллимаи азиз намунаи фаъолияти пайваста дар се самт – журналистика, омӯзгорӣ ва илм мебошад. Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо, он кас ҳамоно хоксору самимӣ ва ба касби худ содиқ мондаанд.

Боре дар як суҳбати самимӣ пурсидам:

- Муаллима, агар омӯзгор намебудед, кадом касбро интихоб мекардед?

Посухашон барои ман хеле маънидор буд:

- Омӯзгор будан ҳунар аст, муҳаббат ва садоқат аст. Боре ҳам дар ин бора фикр накардаам.

Ин ҷавоби кӯтоҳ, вале пурмаъно нишон медиҳад, ки барои устод омӯзгорӣ танҳо як касб нест, балки интихоби қалб, масъулияти вичдон ва роҳи зиндагист.

Шояд маҳз ҳамин муҳаббат ва садоқат ба касб аст, ки муаллимаи азизро дар дили шогирдонашон ҳамчун устоди меҳрубону фаромӯшнашаванда ҷой додааст.

Ман ҳамчун яке аз шогирдони ин устоди арҷманд ифтихор мекунам, ки аз донишу тачриба ва маслиҳатҳои самимии он кас баҳра мебарам. Орзу дорам, ки дар оянда бо дастовардҳои худ сазовори бовариву заҳматҳои устоди дӯстдоштаам бошам. Зеро беҳтарин подоши меҳнати омӯзгор муваффақияти шогирдони ӯст.

Насима РАҲМОНЗОДА,
донишҷӯйи курси дуюми факултети журналистикаи ДМТ

ПНЕВМОНИЯ: КӮДАКОНРО ДАР ФАСЛИ САРМО ЭҲТИЁТ КУНЕД!



БО ФАРО РАСИДАНИ ФАСЛИ САРМО ХАТАРИ ГИРИФТОРШАВӢ БА ЗУКОМ, БРОНХИТ, ПНЕВМОНИЯ ВА ДИГАР БЕМОРИҲОИ РОҲҲОИ НАФАС БЕШТАР МЕГАРДАД. МАХСУСАН, КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ ДАР ИН АЙЁМ БА БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ БЕШТАР ОСЕБПАЗИРАНД. БЕПАРВОЙ НИСБАТ БА СУЛФА, ТАБЛАРЗА ВА ДУШВОРИИ НАФАСКАШИИ КӮДАК МЕТАВОНАД ОҚИБАТҲОИ НОХУШ ДОШТА БОШАД. БО МАҚСАДИ ҲИФЗИ САЛОМАТИИ КӮДАКОН МО БО ТАБИБИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТИББИИ «ШИФОБАХШ» ВОҲИД МИРЗОЕВ АТРОФИ ЯКЕ АЗ БЕМОРИҲОИ ШАДИДИ РОҲҲОИ НАФАС – ПНЕВМОНИЯ (ИЛТИҲОБИ ШУШ) СУҲБАТ ОРОСТЕМ.

- Доктор, маъмулан дар фасли сармо кӯдакон зуд-зуд ба зуком, сулфа ва дигар беморихои роҳҳои нафас гирифтор мешаванд. Дар байни мардум ақидае вуҷуд дорад, ки агар зукомро сари вақт табобат накунӣ, метавонад боиси пневмония гардад. Аз нигоҳи тиббӣ ин гуфта асос дорад?

- Албатта, дорад. Вақте ки кӯдакон ба зуком гирифтор мешаванд, аксар вақт падару модарон «хайр, зуком шудааст, баъди се-чор рӯз сиҳат мешавад» гуфта, нисбат ба саломатии фарзандашон бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо сирояти вирусӣ метавонад боиси илтиҳоби шуш гардад ё барои пайдоиши сирояти бактериявӣ замина фароҳам оварад. Аз ин рӯ, ба вазъи саломатии кӯдаки бемор бояд диққати ҷиддӣ дод.

Дар фасли сармо кӯдакон бештар дар ҷойҳои пӯшида қарор мегиранд ва бо ҳамдигар тамоси наздик доранд. Ин ҳолат барои паҳншавии сироятҳои роҳҳои нафас шароити мусоид фароҳам меорад.

- Аслан пневмония чӣ гуна беморӣ аст?

- Пневмония ё илтиҳоби шуш яке аз беморихои шадиди сироятии узвҳои нафаскашӣ буда, бар асари он бофтаҳои шуш осеб мебинанд. Ҳангоми беморӣ ҳубобчаҳои хурди шуш метавонанд аз моеъ пур шуда, мубодилаи оксигенро душвор гардонанд.

Пневмония дар кӯдакон маъмулан бо баланд шудани ҳарорати бадан, сулфа, пайдо шудани балғам, беҳолӣ ва душвории нафаскашӣ зоҳир мегардад.

- Аз рӯйи кадом нишонаҳои зоҳирӣ фаҳмидан мумкин аст, ки кӯдак ба пневмония гирифтор шудааст?

- Албатта, ташхиси дақиқро танҳо табиб баъди муоина ва гузаронидани ташхисҳои зарурӣ муайян менамояд, вале нишонаҳои зерин метавонанд аз ин беморӣ дарак диҳанд:

- *Паридани ранги рӯйи кӯдак.*
- *Сустӣ, беҳолӣ ва бемадорӣ.*
- *Баланд шудани ҳарорати бадан.*
- *Гум шудани иштиҳо.*
- *Қай кардани ғизо ё шир.*
- *Бехобӣ, нооромӣ ва зиёд гиря кардани кӯдак.*
- *Тез ё душвор шудани нафаскашӣ.*
- *Сулфаи хушк ё балғамдор.*

Волидон бояд махсусан ба тарзи нафаскашии кӯдак диққат диҳанд. Тез-тез нафас кашидан ва ҳангоми нафасгирӣ ба дарун фурӯ рафтани қисми поёнии қафаси сина аз нишонаҳои муҳими илтиҳоби шуш буда метавонад.

- Ҳолатҳое мешаванд, ки волидон бо сабаби надоштани имконияти молиявӣ ё серкорӣ кӯдаки беморро ба назди духтур намебаранд. Ин чӣ хатар дорад?

- Агар чунин аломатҳо дар кӯдак мушоҳида шаванд, вале волидон ба табиб мурочиат накунанд, вазъи саломатии кӯдак метавонад вазнинтар гардад.

- *Нишонаҳои хатарноки беморӣ инҳоянд:*
- *пайдо шудани дард дар қафаси сина;*
- *таби баланд ва табларзаи шадид;*
- *торафт душвортар шудани нафаскашӣ;*
- *нолиши ҳангоми нафаскашӣ;*
- *кабуд шудани лабҳо;*
- *аз нӯшидани об ё шир даст кашидани кӯдак;*
- *беҳолии шадид ва хоболудии ғайримуқаррарӣ.*

Ҳангоми мушоҳидаи чунин нишонаҳо бояд фавран ба муассисаи тиббӣ мурочиат кард.

Сари вақт табобат накардани пневмония метавонад боиси норасоии нафаскашӣ, камбуди оксиген дар организм ва дигар оризаҳои вазнин гардида, ҳатто ҳаёти кӯдакро зери хатар гузорад.

- Барои халосӣ аз ин беморӣ чӣ бояд кард?

- Пневмония бемории ҷиддӣ буда, ташхис ва табобати дуруст талаб менамояд. Бинобар ин, кӯдакро ҳатман ба назди табиби кӯдакон – педиатр ё мутахассиси беморихои шуш – пулмонолог бурдан лозим аст. Падару модарон набояд худсарона ба кӯдак антибиотик ё дигар доруҳои таъсирбахш диҳанд. Сабаби беморӣ метавонад вирусӣ ё бактериявӣ бошад ва усули табобатро вобаста ба ҳолати кӯдак табиб муайян мекунад.



- Мегӯянд, ки ҳатто кӯдаконе навзод ба ин беморӣ гирифтор мешаванд. Магар кӯдак дар батни модар ҳам метавонад ба пневмония гирифтор шавад?

- Бале, чунин ҳолатҳо низ ҷой доранд. Баъзе сироятҳо метавонанд пеш аз таваллуд ё ҳангоми таваллуд аз модар ба тифл гузаранд ва боиси илтиҳоби шуш гарданд. Кӯдак баъди таваллуд низ метавонад ба ин беморӣ гирифтор шавад.

- Бемории пневмония дар кадом синну сол хатари бештар дорад?

- Ба гурӯҳи осебпазир тифлакони навзод, кӯдакони то панҷсола, кӯдакони норасид таваллудшуда ва кӯдакони гирифтори беморихои музмин дохил мешаванд.

- Барои пешгирии пневмония дар фасли сармо падару модарон бояд ба чӣ диққат диҳанд?

- Барои коҳиш додани хатари гирифторшавии кӯдакон ба беморихои роҳҳои нафас риоя намудани чанд қоидаи одӣ, вале муҳим зарур аст:

- *Кӯдаконро мувофиқи вазъи обу ҳаво либос пӯшонанд.*
- *Ҳавои хонаро мунтазам тоза кунанд.*
- *Ба ғизои солим ва серғизои кӯдак аҳамият диҳанд.*
- *Ба кӯдакон одати бо собун шустани дастонро омӯзонанд.*
- *Кӯдаконро аз тамокукашии ғайрифаъол ва ҳавои олуда эмин доранд.*
- *Тамоси кӯдаконро бо шахсони гирифтори беморихои сироятӣ маҳдуд намоянд.*
- *Эмгузаронии кӯдаконро тибқи тақвими миллӣ сари вақт анҷом диҳанд.*
- *Ҳангоми бемор шудани кӯдак худсарона ба табобат машғул нашаванд.*

- Маслиҳати охирини шумо ҳамчун табиб ба падару модарон чист?

- Тавсияи ман ҳамин аст, ки волидон нисбат ба саломатии фарзандонашон, махсусан дар фасли сармо, бепарво набошанд. Сулфаи бардавом, баланд шудани ҳарорати бадан ва душвории нафаскашии кӯдакро набояд нодида гирифт.

Ҳангоми мушоҳидаи нишонаҳои эҳтимолии пневмония кӯдакро ҳатман ба назди табиб бурда, аз ташхис гузаронанд ва табобатро сари вақт оғоз намоянд. Дар хотир дошта бошанд, ки пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар аст.

- Ташаккур барои суҳбат!

Мусоҳиб: Ф. САТТОРӢ

Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта имкониятҳои нави ҳамкорӣ ва муносибатҳои шахсиву кориро пайдо мекунед. Аммо мушкили асосии шумо асабонияти зиёд аст, ки метавонад боиси баҳсу мунозира ва нофаҳмиҳо гардад. Нигоҳ доштани хашм нисбат ба рақибон бароятон душвор мешавад.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта ба саломатии худ диққати бештар диҳед. Эҳтимоли пайдо шудани мушкилоти ҳормонӣ, аллергия, беморихои ҷигар ва рагҳои хунгарди дил вуҷуд дорад. Масунияти баданатонро мустаҳкам намоед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Бархе аз намояндагони ин бурҷ дар ҳафтаи нав соҳиби мансаб ё вазифаи нав мешаванд. Агар аз рӯзҳои аввал қобилияти кордонӣ ва масъулиятшиносии худро нишон диҳед, муваффақ хоҳед шуд. Диққати аксари ҷавзоҳо ба муносибатҳои шахсӣ равона мегардад.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта барои оғози фаъолияти нав ва талош барои ишғоли вазифаи роҳбарӣ мусоид аст. Хоҳиши зиёд ба кор кардан пайдо мешавад, аммо аз сабаби хастагии зиёд худро аз ҳад зиёд машғул насозед. Мулоқоти ошиқона табъатонро болида месозад.



Асад
23.07 - 22.08

Нерӯи ҷисмониятон афзуда, барои бартараф кардани мушкилоти саломатӣ имконияти бештар пайдо мекунед. Муваффақиятҳоятон метавонанд боиси рашку ҳасади ҳамкорон шаванд, бинобар ин, эҳтиёткор бошед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Аз орзуву ниятҳое, ки амалӣ шуданашон душвор аст, даст кашед. Дар ин ҳафта эҳтимоли ҷароҳат бардоштан вуҷуд дорад, бинобар ин, пой, зону ва дандонҳоятонро эҳтиёт кунед. Барои пешгирӣ аз муноқиша аз суханони беҳуда худдорӣ намоед.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар оғози ҳафта дар соҳаи тиҷорат ва фаъолияти корӣ тағйироти назаррас ба мушоҳида намерасанд, аммо дар маҷмуъ ҳафтаи сермаҳсулеро паси сар мекунед. Агар аз бемории гурда ранҷ мекашед, табобатро ба таъхир нагузоред.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта вазъи молиявиятон тағйир намеёбад. Ноумед нашуда, фаъолияти худро идома диҳед, меҳнататон дар ниҳоят самараи хуб медиҳад. Одатан, барои ақрабҳо ба осонӣ чизе ба даст намеояд, аммо онҳо бо ақлу фаросат метавонанд ба мақсад бирасанд.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта эҳтимол дорад бо шахсони бонуфузу обрӯманд шинос шавед. Пешниҳодҳои ҷолиби корӣ ва лоиҳаҳои нав шуморо хушҳол мекунанд. Баъзе мушкилоти саломатӣ метавонанд аз изтиробу ташвиши зиёд ва хастагӣ сар зананд.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта барои ҳамкорӣ, пайдо кардани шарикони нави корӣ, муомилоти тиҷоратӣ ва бастани шартномаҳо хеле мусоид аст. Ҳамчунин, эҳтимоли сафари корӣ вуҷуд дорад. Муваффақиятҳоятон метавонанд боиси рашку ҳасади ҳамкорон шаванд.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта барои харидҳои калон чандон мусоид нест. Хусусан, нимаи дуюми ҳафта бехтараш аз рафтан ба бозору мағозаҳо худдорӣ кунед. Нимаи аввали ҳафта дастгирии дӯстони худро эҳсос мекунед. Онҳо метавонанд бо маблағ ё маслиҳатҳои муфид ба шумо ёрӣ расонанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Кӯшишу заҳматҳоятон самараи хуб медиҳанд ва дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ ба муваффақият ноил шуда метавонед. Аммо дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед. Эҳтимол аст, ки бо вуҷуди даромади хуб ба доми фиреб афтода, маблағи калонро аз даст диҳед.

«МАКТАБИ КӮҲНА» ДАР ЧИН

Ё чӣ гуна ҷавони чинӣ асари устод Айниро тарҷума кард?

ЧАНД РӮЗ ҚАБЛ БА НАМОИШГОҲИ XIV БАЙНАЛМИЛАЛИИ «КИТОБИ ДУШАНБЕ», КИ ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ГАРДИД, РАФТА БУДАМ.



Ин намоишгоҳ, ки ҳамасола дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад, барои ошноӣ бо адабиёти нав, пайдо кардани китобҳои тозанашр ва ошноӣ бо ноширону адибон имкони хубе фароҳам меоварад. Дар миёни анбӯҳи китобҳо, ноширон ва меҳмонони дохиливу хориҷӣ бо Эраҷ Айнӣ - набераи устод Садриддин Айнӣ ва раиси «Бунёди адабии Айнӣ» вохӯрдам. Ӯ дар даст китобе дошт, ки дар муқоваааш бо забони чинӣ чизе навишта шуда буд. Онро ба ман нишон дода гуфт:

- Ин тарҷумаи хитоии «Мактаби кӯҳна»-и устод аст.

Китобро гирифта варақ задам. Гарчанде забони чиниро намедонам, вале аз он хушҳол будам, ки бехтарин асари устод Садриддин Айнӣ – бузургтарин нависандаи тоҷик бо яке аз сернуфустарин забонҳои дунё тарҷума шудааст. Аз Эраҷ Айнӣ пурсидам:

- Аҷиб, кӣ инро тарҷума кардааст?

Эраҷ Айнӣ ба ҷониби ғурфаи ноширони чинӣ ишора карда гуфт:

- Тарҷумонаш ҳамин ҷост. Номаш Бобоҷон...

Ҳар ду ҷониби ғурфаи ноширони чинӣ рафтем. Ҷавоне дар гӯшае нишаста, саргарми мутолиа буд. Эраҷ Айнӣ ба тоҷикӣ ба ӯ мурочиат кард:

- Бобоҷон, ин кас ҳам рӯзгору осори устод Айниро таҳқиқ мекунанд...

Ҷавони чинӣ зуд аз ҷой хеста гуфт:

- Ассалому алайкум, акоҷон!

Ман бештар ҳайрон шудам, ки ҷавони чинӣ бо мо бо забони тоҷикӣ суҳбат мекунад. Ӯ ҳайрати маро дарк карда, бо табассум гуфт:

- Бобоҷон ман ҳастам, ному насаби асосиам Ся Ран...

Аз суҳбат маълум шуд, ки Ся Ран зодаи шаҳри Урумчӣ аст. Ӯ дар факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил карда, магистратураро низ хатм кардааст. Забони тоҷикиро маҳз дар Тоҷикистон омӯхтааст. Хати форсиро низ медонад. Солҳои зиндагиву таҳсил дар Душанбе ӯро на танҳо бо забон, балки бо муҳити фарҳангӣ ва зиндагии тоҷикон ошно кардааст. Ҳамсараш низ тоҷик, аз шаҳри Душанбе аст.

Худаш эътироф мекунад, ки қабл аз омадан ба Тоҷикистон дар бораи адабиёти тоҷик маълумоти зиёд надошт. “Дар Чин намунаи адабиёти тоҷик хеле кам тарҷума ва муаррифӣ шудааст” – мегӯяд ӯ.

Аз Ся Ран пурсидам, ки барои тарҷумаи наҳустин чаро маҳз “Мактаби кӯҳна”-ро интихоб кардааст?

Ҷавоби ин саволро Ся Ран дар сарсухани худ ба тарҷумаи чинӣ низ додааст. Ӯ мегӯяд, ки дар ҷараёни ошноӣ бо адабиёти муосири Тоҷикистон мехост ягон асари бадеиро мустақиман аз забони тоҷикӣ ба чинӣ тарҷума карда, ба хонандаи кишвараш муаррифӣ намояд. Зеро, тавре худи тарҷумон таъкид мекунад, «Мактаби кӯҳна» аввалин асарест, ки аз забони аслии тоҷикӣ мустақиман ба забони чинӣ тарҷума шудааст. Ин нукта муҳим аст, зеро намунаҳои адабиёти тоҷик, ки хеле кам ба чинӣ тарҷума шудааст, асосан аз забони русӣ сурат гирифтааст...

Хушбахтона, солҳои охир таваҷҷуҳ ба забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Чин меафзояд. Ҳоло дар ин кишвар чандин нафар мутарҷимоне ҳастанд, ки мустақиман осори адабиро ба ин забони сернуфуси дунё тарҷума мекунанд. Дар Тоҷикистон мо ҳам аллакай чунин кӯшишҳо ба назар мерасанд. Барои мисол чанде қабл шоир ва тарҷумон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Иброҳимҷон Дӯстализода ашъори шоирони чиниро мустақиман ба тоҷикӣ ва шоирони муосири тоҷикро ба чинӣ тарҷумаву нашр кард. Яъне муносибати неки ҳамҷавории Тоҷикистону Чин, ки солҳои охир дар ҳоли густариш аст, шароите фароҳам оварда, ки осори адабӣ на тавассути забони сеюм, балки мустақиман тарҷума мешавад.



Ся Ран дар сарсухан менависад, ки дар Тоҷикистон бо теъдоди зиёди шоҳасарҳои адабиёти муосири тоҷик ошно шуда, барои интихоби асари мувофиқ барои тарҷума аз чанд коршиноси тоҷик низ машварат пурсидааст ва аксари онҳо маҳз «Мактаби кӯҳна»-и устод Садриддин Айниро тавсия додаанд.

Аз суҳбат бо Ся Ран бармеояд, ки ӯ барои тарҷумаи «Мактаби кӯҳна» панҷ сол вақт сарф кардааст. Ӯ қабл аз тарҷума рӯзгору осори устодро омӯхта, куллиёти дар замони шӯравӣ нашршудаи устодро мутолиа кардааст. Ҳамчунин, қариб сад асари дигари марбут ба устод Айнӣ ва адабиёти муосири тоҷикро варақ задааст. Ся Ран мегӯяд, барои ӯ муҳим буд, ки қабл аз тарҷума, талош кардааст, ки аввал ҷаҳони устод Айниро бифаҳмад. Илова бар ин, Ся Ран борҳо маконҳои зиндагии Айниро дар Бухоро, Самарқанд ва Душанбе зиёрат кардааст.

Ся Ран дар сарсухан ба як хусусияти бисёр муҳими асар ишора мекунад. Ба назари ӯ, «Мактаби кӯҳна», чунон ки аз номаш бармеояд, дар бораи панҷоҳу панҷ рӯзи таҳсили Айнӣ дар аморати Бухоро қисса мекунад ва хонандаро бо усулҳои кӯҳнашудаи таълим дар мактабҳои он давра ошно месозад. Ин тарҷумони чинӣ менависад, ки мутолиаи “Мактаби кӯҳна” ба ёди ӯ беихтиёр асари нависандаи маъруфи чинӣ Лу Син «Аз боғи Байтсао то мактаби Санвэй Шу У»-ро овардааст.

Ин муқоиса бисёр ҷолиб аст. Зеро асари Лу Син даврааи охири ҷомеаи феодалии Чин ва таълими ибтидоии он замонро ба тасвир мегирад. Ҳар ду асар ба тачрибаи шахсии муаллифон такя доранд. Ҳар ду нависанда шахсиятҳои бузурги фарҳанги миллии худанд.

Ин навиштаи Ся Ран пажӯҳишгаронро вазифадор мекунад, ки монандии ин ду асарро мавриди пажӯҳиш қарор диҳанд. Зеро бисёр ҷолиб аст, ки як нависандаи чинӣ ва як адиби тоҷик мактабу маорифи замони худро чӣ гуна ба қалам додаанд? Ба гуфтаи тарҷумони “Мактаби кӯҳна” Ся Ран асари устод Айнӣ нисбат ба асари Лу Син муфассалтар аст ва барои дарки таърихи муосири Осиёи Марказӣ ва таърихи маорифи минтақа арзиши баланд дорад.

Барои тарҷума Ся Ран нашри тоҷикии соли 2010-и «Мактаби кӯҳна»-ро ҳамчун сарчашмаи асосӣ интихоб кардааст. Дар айни ҳол, барои муқоиса се намунаи нашри гуногуни китобро ба забони русӣ ва як нашри англисиро низ истифода кардааст. Кор болои тарҷума, ба гуфтаи ӯ, солҳои 2020-2021, дар шаҳри Урумчӣ оғоз ва солҳои 2022-2024 таҳриру такмили он анҷом ёфтааст.

Ся Ран аз ҷумла аз омӯзгоронаш Дэн Сини чинӣ ва Носири Амриддини тоҷик ёд мекунад, ки тарҷумаро аз назар гузаронидаанд. Ли Мин низ барои осонтар хонда шудани матни чинӣ ба такмили он кумак кардааст. Тарҷумон дар сарсухан ба онҳо самимона изҳори сипос мекунад. Китоб соли 2024, ба муносибати 90-солагии нашри «Мактаби кӯҳна» (1934-2024) ба табъ расидааст. Сарпарасти чопи китоб Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон будааст.

Нашри китоби “Матктаби кӯҳна” ба забони тоҷикӣ падиди нодири адабиву илмӣ ва фарҳангӣ аст. Акнун муҳаққиқон, пажӯҳишгарони тарҷума, донандагони забони чинӣ ва равобити адабиро мебояд, ки онро таҳқиқ ва арзишдоварӣ намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки ин тарҷума дар Чин бештар тарғиб шавад, то хонандаи чинӣ ба ҷаҳони устод Айнӣ ва дунёи адабиёти тоҷик ошноӣ пайдо намояд.

Одил Нозир

МАВЛУДНОМА

26 НОЯБР

Михаил Пахомов (1931), 95-солагии зодрӯзи доктори илми география.

Тағоймурод Розиқов (1946), 80-солагии зодрӯзи актёри театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Ғафур Шарофов (1931), 95-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

27 НОЯБР

Николай Карташов (1931), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Абдуллохон Қаландаров (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Мискин (Ғаффоров Давлаталӣ) (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

28 НОЯБР

Мункӣ Амир Саид (1951), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Раҳимбобо Холбобоев (1906-1955), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

29 НОЯБР

Қамбарнисо Каримова (1921-2004), 105-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Дилбар Қосимова (1936-2006), 90-солагии зодрӯзи актрисаи кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Музаффар Мансурхоҷаев (1936), 90-солагии зодрӯзи муаррих, журналист.

30 НОЯБР

Рубид Каримов (1946), 80-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Нуроншо Шоҳхӯҷаев (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

1 ДЕКАБР

Ҷаҳонгул Давлатшоева (1966), 60-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи химия.

Нуралӣ Додарбеков (1956), 70-солагии зодрӯзи мутриб.

Кимиёҷон Неъматҷонова (1941) 85-солагии зодрӯзи, доктори илми биологӣ, профессор.

Александра Спектор (1931), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, профессор.

Шоҳтолиб Шоҳқосимов (1951), 75-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

2 ДЕКАБР

Василий Константинов (1926), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Акрам Ҳасанов (1911-1966), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

ИҶОРА МЕДИҲАМ

ИНШООТ

Чанд иншоотро барои анбор (складских помещений) иҷора медиҳам, тақрибан 600 м.м., дар н. Шаҳринав. Тел. 881-000-562

УСТОИ ХОНА

Устои хона, аз таъмири косметикӣ сар карда, то таъмири пурра, обойчаспонӣ, ранг кардани девор ва шифти хона, устои ламинат ва фарш. Устои тачҳизоти сантехникӣ ва устои барқ. Собиқаи корӣ беш аз 10 сол. Тел. 93-480-81-80

НИЁЗ ДОРЕМ

Ба ширкати шахсии хӯрока намояндаи савдо бо тачрибаи корӣ лозим аст, аз синни 18 то 40-сола. Тел. 881-000-562

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

Мехарам: зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй ва дарздузӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001

Мехарам: зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй ва дарздузӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Мехарам: зарфҳо, қолинҳо, флягаҳо, асбобу анҷоми даврони шӯравӣ, тангаҳо ва ғайраҳо. Тел. 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Чеки гумшуда (Аз ОБ-0325452 то ОБ0325500), ки онро ҶСК "Ориёнбонк" соли 2026 ба ҶДММ "Сабрин Тиллои Сафед" додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи хизматии ҶТ №008191, аз санаи 08.04.2023, ба номи Асламхонзода Давлатёр Мамадҷон, ки аз ҷониби Гвардияи миллии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9 А-ШТА №0410494 ба номи Майсараи Асрор, ки соли 2009, аз ҷониби МТМУ №36, н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти феҳристи №10-2696 аз 23.12.2024, ба номи Саъдуллоев Сунъатулло Исматович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. П.Сулаймонӣ, хонаи 8, ҳ. 15, ки дар нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Билети ҳарбии ҶТ №718261 аз 22.04.2015, ки аз ҷониби комиссариати ҳарбии н. Фирдавсӣ, ба номи Раҳматов Айс Шералиевич дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор сокит дониста шавад.

Шартномаи №БА/1-02-008-105,2-квадрат оид ба ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони манзили истиқоматии баландошёна воқеъ дар к. Ғ.Мирзо №6 "А" ва 6/1, н. Сино, ш. Душанбе, 3 -ҳуҷрагӣ, 105.2 м.м., ошёнаи 2, даромадгоҳи 1, блоки А, утоқи 8, байни ҶСК "Захира-2004" ва Абдулқосимов Отабек Азамжонович, санаи гирифтани шартнома 09.06.2026 ва барги воридвараҳаи хазинавӣ №А-2944, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ А00488104 ба номи Ёсинҷони Абдузоир, ки санаи 17.03.2016 аз ҷониби ШВКД, н. Ховалинг дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ ба номи Саидова Рузимоҳ, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Ҳушёрӣ, аз санаи 09.11.1998, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос тибқи қонун бо реестри №7Н-107, аз санаи 11.05.2001, аз номи Каримов Бахтиёр Мухторович ба номи Мирсаидова Манзура Улмасовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н.Махсум, бинои 73/2, ҳ. 2, ки дар Нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фрунзе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳадяи манзили истиқоматӣ бо реестри №8Д-1731, аз санаи 06.05.1996, аз номи Шаймардонов Рамазон ба номи Шаймардонова Турсуной Рамазановна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А.Навоӣ 9, ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Шоева Каромат Асаловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳисор, бинои 81/1, ҳ. 14, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ба номи Ибрагимов Қудратулло Имамидинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. С.Шерозӣ (собиқ Яккачинор), блоки Б, ошёнаи 7, 2- ҳуҷрагӣ, 93 м.м., аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шартномаи №16.11.23/1/а оиди ҳиссагузорӣ дар сохтмони биноҳои истиқоматии баландошёна аз санаи 12.12.2023 байни ҶДММ "Бурҷи Истиқлол" ва Якубов Фарух Ибодуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Академик Раҷабовҳо 13-17, ошёнаи 13, Блоки Б, 76,58 м.м., аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ А01342497, ба номи Холова Зулфия Файзалиевна, ки санаи 30.05..2018 аз ҷониби ШВКД-2 н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи таваллуд ба номи Ёсинҷони Абдузоир, соли 1998, Вилояти хатлон, шаҳраки Ховалинг, деҳаи Ҷонбахт, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

ҶДММ “Нури Шаҳзод” РЯМ 0710007980, РМА 070014482, санаи таъсис 04.02.2013 барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Тарабхонаи Соҳили" №0267793, РЯМ: 0310021755, РМА: 030033618, барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тиҷоратии «Фарход Исоев» РЯМ 3310006325, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Зодрӯз муборак!

Муаллимаҷони азизи мо, Лола Толибовна! Шуморо бо рӯзи зодрӯзатон табрику тахният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароятон тансиҳатӣ, сари баланд ва дар кору фаъолиятатон комёбиҳои беназирро таманно дорем.

Шогирдони шумо- Саломат ва Манижа.



ПИСАРИ ХУРДИИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ

Сомон Шералӣ, писари хурдии шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ шоми 23-юми ноябр дар синни 54-солагӣ дар шаҳри Душанбе аз олам даргузашт.



Ба иттилои пайвандони марҳум, Сомон Шералӣ се рӯз қабл аз маргаш ба сактаи мағзӣ гирифтор шуда, дар шуъбаи эҳёи бемористон бистарӣ гардида буд. Мутаассифона, талоши табибон барои наҷоти ҷони ӯ натиҷа надод. Маросими видоъ бо марҳум рӯзи 24-уми ноябр баргузор гардид. Намози ҷанозаи ӯ дар Масҷиди ҷомеи ба номи Имоми Аъзам дар Душанбе хонда шуд. Пайкарашро дар оромгоҳи «Навобод»-и пойтахт, дар паҳлуи бародари калониаш Ромиш Шералӣ, ба хок супурданд.

Диловар Лоиқ, бародари марҳум, зимни ёдоварӣ аз рӯзгору фаъолияти Сомон гуфт, ки ӯ солҳои зиёд дар Институти таърих ва бостоншиносӣ ба ҳайси ходими илмӣ фаъолият намуда, дар омӯзиши таъриху осори бостонии Панҷакент ва дигар манотиқи Тоҷикистон саҳм гузоштааст.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев аз даргузашти Сомон Шералӣ изҳори андӯҳ намуда, ӯро ҷавонмарди донишманд, боодоб ва фурӯтан номид. “Афсӯс, ки якуним сол қабл Ромишҷонро, ки дар соҳаи табъу нашри кишвар хидматҳои зиёд кардааст, аз даст додем. Имрӯз бошад, Сомончон аз миёни мо рафт” – гуфт Афзалшо Шодиев. Баҳриддин Алавӣ низ аз фаъолияти пажӯҳишии марҳум ёдовар шуда, таъкид кард, ки Сомон Шералӣ дар ҳафриёти бостонии Панҷакент ширкат варзида, дар омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ саҳми арзанда гузоштааст. Аз Сомон Шералӣ як писар бо номи Фарзод ва як набера ба ёдгор мондааст.

Ҳикматилло САНГИНОВ

PRESSA.TJ ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ҶОМИ ҶАҲОН

ЯК ПИРӮЗӢ ВА ЯК ШИКАСТИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН



Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар Давҳаи Қатар дар Чмпионати ҷаҳон-2026 ширкат дорад. Даста дар як гуруҳ бо дастаҳои Куба, Хорватия ва Сенегал бозӣ мекунад.

Дар бозии даври якуми гурӯҳи «F» наврасони Тоҷикистон бар дастаи ҳамсолонашон аз Куба бо ҳисоби 5:3 пирӯз шуданд. Дар бозии дигари ҳамин давр Хорватия бо Сенегал мусовӣ (1:1) кард. Дар бозии дуюм дастаи Тоҷикистон аз дастаи мунтахаби Хорватия бо ҳисоби 0:4 шикаст хӯрд. Дар бозии дигари гуруҳ Сенегал бо ҳисоби 9:0 бар Куба ғолиб омад. Ҳоло дар гурӯҳи «F» дастаи мунтахаби Сенегал бо 4 имтиёз дар зинаи аввал аст. Хорватия бо 4 имтиёз ва таносуби камтари тӯбҳо дар зинаи дуюм мавқеъ гирифтааст. Тоҷикистон бо 3 имтиёз дар зинаи сеюм аст. Куба бидуни имтиёз дар зинаи охир аст.

Дар даври ниҳоии марҳилаи гурӯҳии чемпионати ҷаҳон-2026 дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) бо дастаи Сенегал рӯ ба рӯ мешавад. Ин вохӯрӣ 26-ум ноябр баргузор хоҳад шуд.

ҶУДО

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон иштироки худро дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонон дар шаҳри Тошканд бо нокомӣ ба анҷом расонд. Аз ҳашт варзишгари даста касе соҳиби нишон нашуд, фақат се паҳлавон дар вазни худ ба қатори ҳафт нафари беҳтарин шомил шуданд.

Ин мусобиқа, ки аз 19 то 21-уми ноябр идома ёфт, варзишгарони ҷавонро аз гӯшаву канори ҷаҳон гирди ҳам овард. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа ҳашт ҷудокор, ҳафт марду як зан, намояндагӣ карданд. Бо вуҷуди чанд рақобати муваффақ ва роҳ ёфтан ба марҳилаҳои баъдии мусобиқа, ҳеҷ кадоме аз онҳо натавонистанд, ки ба гирифтани нишон даст ёбанд.

Лоиқ Қутбуддинов, ки дар вазни то 60 кг қувваозмоӣ мекард, ба нишон аз ҳама наздиктар буд. Дар даври чорякниҳоӣ ӯ бар Лука Оманадзе аз Гурҷистон пирӯз шуд, аммо дар даври нимниҳоӣ аз намояндаи Ӯзбекистон Муҳаммадҷон Машарипов шикаст хӯрд. Дар мубориза барои нишони биринҷӣ аз Тоай Ҳашимаи ҷопонӣ мағлуб шуд ва ҷойи панҷумро ишғол кард.

Дар вазни то 66 кг Ёсин Бобокалонов то даври тасаллобахш рафт ва аз Торнике Гигаурии гурҷӣ мағлуб шуда, мусобиқаро дар зинаи ҳафтум ба анҷом расонд.

Ворис Назаров, ки дар вазни то 73 кг рақобат мекард, натавонист талоши худро барои ба даст овардани нишони биринҷӣ дар даврҳои тасаллобахш идома диҳад, зеро аз намояндаи Ӯзбекистон Муҳриддин Маъруфов мағлуб ва ҳафтум шуд.

Шокир Ғоибов дар вазни 60 кг, Зикриоллоҳ Шарипов ва Аминҷон Абдуҷалилзода дар вазни 81 кг, Беҳрӯз Имомов дар вазни 90 кг, Мадина Қурбонзода дар вазни 52 кг дар даврҳои аввал ном шуданд.





ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ИСТИҚЛОЛ» ПЕШ АЗ МУҲЛАТ ЧЕМПИОН ШУД

Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе бори 15-ум дар таърихи худ дар Лигаи олии Чемпионати Тоҷикистон ба пирӯзӣ расид.

Дастаи шаҳри Душанбе дар бозии мавқуфии даври 19-уми чемпионат бар «Барқчӣ»-и Ҳисор бо ҳисоби 5:1 пирӯз шуда, як давр пеш аз анҷоми Чемпионати Тоҷикистон-2026 унвони чемпионро ба даст овард. Бо ин пирӯзӣ дастаи пойтахт инчунин ҳаққи намояндагии Тоҷикистонро дар даври муқаддамотии Лигаи чемпионҳои дуюми Осиё-2027/28 соҳиб шуд.

Қаблан дастаи шаҳри Душанбе солҳои 2010, 2011, 2014, 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024 ва 2025 низ чемпиони Тоҷикистон шуда буд.

Ҳамин тавр, «Истиқлол» силсилаи пирӯзиҳои худро идома дода, дар 17 соли охир бори 15-ум унвони чемпиони Тоҷикистонро ба даст овард.

Зинаи дуюмро дастаи «Регар-ТадАЗ» соҳиб шуд ва дастаи «Ҳосилот» дар зинаи сеюм мақеъ гирифт.

РЕЗААХБОР



Ҷудокори наврасӣ тоҷик Муҳаммаданис Солиҳов (-55 кг) дар рӯзи якуми мусобиқаи Tashkent Grand Prix Cadets 2026 дар шаҳри Тошканд ба гирифтани нишони тило ноил шуд. Дар финали мусобиқа Солиҳов бар намояндаи Қазоқистон Ёрмат Кенгесбек зафар ёфт. Паҳлавони дигари тоҷик Хушдил Хушдилзода (-50 кг) дар мубориза барои нишони биринҷӣ аз намояндаи мизбон Санҷарбек Мирғиёсов мағлуб шуд.

***

20 ноябри соли 2026 дар шаҳри Панамаи Ҷумҳурии Панама, зимни Конгресси навбатии ташкилоти байналмилалии World Boxing, масъалаи додани мақоми узви комилҳуқуқ ба Федератсияи бокси Тоҷикистон мавриди овоздиҳӣ қарор гирифт. Дар натиҷа вакилони Конгресс пешниҳоди узвияти комилҳуқуқи Федератсияи бокси Тоҷикистонро якдилона ҷонибдорӣ карданд.

***

Дастаи футболи «Рӯшон» аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дастоварди муҳим ноил шуд, ки роҳҳат ба Лигаи якуми футболи Тоҷикистон аст. Дар мавсими 2027 дастаи «Рӯшон» дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро намояндагӣ хоҳад кард. «Рӯшон» ҳанӯз соли 2025 ғолиби Лигаи минтақавии Бадахшон шуда буд.

***

Ҳамаи 16 дастаи иштироккунандаи Ҷоми Осиё-2027 миёни наврасони то 17-сола, ки аз 12 то 29 майи соли 2027 дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, маълум шуданд. Инҳо Ӯзбекистон, Австралия, Арабистони Саудӣ, Тоҷикистон, Ҷопон, Чин, Вйетнам, Куриёи Ҷанубӣ, Қатар, Индонезия, Ироқ ва Сурия ҳастанд. Тоҷикистонро дастаи мунтахаби наврасони кишвар таҳти роҳбарии сармураббӣ Ҷаъфар Ахмедов намояндагӣ мекунад.



АҶАБ ЗАМОНА

- Аҷаб замонае шуд... Ба баъзе духтарон нигоҳ мекунӣ, намефаҳмӣ, ки 18 - сола аст ё 32 - сола.
- Рост. Баъд маълум мешавад, ки писар будааст.

УМРИ БУЗ

- Дӯстам, намедонӣ бузҳо чанд сол умр мебинанд?
- Не, намедонам. Чӣ, худатро бад ҳис карда истодаӣ?...

ҶАЗО

Ӯро барои буридани ғайриқонунии ҷангал боздошт намуда, ба муддати 5 сол барои буридани қонунии ҷангал фиристоданд...

ЛАЪЛИИ ПАРРОН

Лаълии паррон чандон даҳшатнок нест, даҳшатноктар хӯроки гармест, ки дар ӯст...

БИТАРС АЗ ОДАМЕ, КИ...

Битарс аз он одаме, ки наменӯшад, сигор намекашад, хӯрокҳои равғаниву бирён намехӯрад..

Модоме ки худашро ин гуна азоб медиҳад, пас бо ту чӣ хоҳад кард?!...

ОГОҲӢ

Ба буққа аз пешаш, ба асп аз қафояш, ба аблаҳ аз ягон тарафаш наздик нашавед!..

ЗАБОНДОНӢ

- Ту чанд забонро медонӣ, дӯстам?
- Се забонро: русӣ, англисӣ ва фаронсавӣ.
- Офарин! Кани ба англисӣ ягон чиз гӯй.
- Гутен таг.
- Охир ин немисӣ аст...
- Пас маълум мешавад, ки чор забонро медонистаам...

ДАДААМ ЧАРО ЧУНИН АСТ?

- Оча, барои чӣ дадаи ман ҳамроҳи ману ҷӯраҳоям футбол бозӣ мекунад, бо мо рустшаваконбозӣ, ланкабозӣ мекунад, ҳамроҳи ман филми тасвирӣ тамошо мекунаду дадаҳои ҷӯраҳоям не?
- Чунки онҳо ҳангоми кор дар сарашон каска мемонанд, дадаи ту бошад, намондааст...

ЛОҒАРШАВӢ

Мегӯянд, ки чои кабуд одами фарбеҳро хароб мекунад. Маънии ин гуфтаро мо на он қадар дуруст фаҳмидаем. Ба фикри ман дар сурате хароб мекунад, ки худат ба кӯҳҳо баромада бо дасти худат баргҳои онро ҷамъоварӣ намоӣ...

Хайрулло Басриддинов

КАЛ

Писарча дар автобус ба модараш мегӯяд:
- Оча, ана вай амакро бинед, сараш кал аст. Ягон тора мӯй надорад!
Модар пичиррос мезанад:
- Хап кун бачем, амакаш мешунавад.
Кӯдак ба ҳайрат омада:
- Оча, магар ӯ худаш намедонад, ки сараш кал аст?

РИШГИРӢ

Марде барои ришгирӣ ба назди усто меояд. Сартарош бо дидани рухсораи чӯкидаи мард ба ӯ як саққочаи чӯбин медиҳад:
- Ин саққочаро ба лунҷатон дароред.
Мард саққочаро дар даҳонаш мегираду сартарош зуд ба риштарошӣ шурӯъ мекунад. Баногаҳ мард мегӯяд:
- Усто, мабодо саққочаатро фурӯ барам чӣ?
- Ҳеҷ гап не! - ҷавоб медиҳад усто, - фақат онро пагоҳ гирифта биёред! Ин саққочаро бисёриҳо фурӯ бурдаанд...

ЗЕБОЙ

Писарбача аз холааш мепурсад:
- Холаи Зарина, барои чӣ шумо инқадар худро орову торо медиҳед?
Хола дар ҷавоб:
- Барои он ки зебо бошам.
Писарак:
- Баъди чанд сол зебо мешавед?

УЗБЕКӢ

Марде ба рафиқаш мегӯяд:
- Тасаввур мекунӣ, дирӯз ба хона омада, занамро бо як марди узбек қапидам.
Рафиқаш бо ҳайрат:
- Ба онҳо чӣ гуфтӣ?
Мард:
- Чӣ ҳам мегуфтам, о ман забони узбекиро надонам...

ҚОЛИН

Марде ба мағозаи қолинфурӯшӣ даромада мегӯяд:
- Ба ман як қолин диҳед.
Фурӯшанда мегӯяд:
- Барои чӣ ин қадар табъатон гирифта аст? Дар қолин мурда мепечонед?
Мард дар ҷавоб:
- Ду қолин диҳед.

ДУГОНИК

Марде рафиқашро дида, ҳолпурсӣ мекунад:
- Суҳроб, занат таваллуд кард?
- Бале.
- Писар ё духтар?
- Дугоник.
- Зӯр ку, муборак шавад, дӯстам! Ба кӣ монанданд?
- Ба яқдигарашон.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

